***ПАРТОЕВ Қ., КАРИМОВ И.И., ЗЕВАРШОЕВ А.***

# ***ТАВСИФ ВА ДАСТРАСӢ БА ТАҶРИБАҲОИ МАРДУМӢ ВА НАВЪҲОИ НОДИРИ ЗИРОАТҲОИ КИШОВАРЗӢ***

***Душанбе - 2017***

***УДК 633/635+635.21+631***
***ББК 41/42+42.15+41.3***
***П - 26***

***МУАЛЛИФОН:***

***Қурбоналӣ ПАРТОЕВ** – доктори илмҳои кишоварзӣ;*
***Изомидин КАРИМОВ** – ходими калони илмӣ;*
***Аскаршо ЗЕВАРШОНВ** – ҳамоҳангсози барномаи КИЗТ.*

Донишу таҷрибаҳои нодиру анъанавии мардумӣ дар бахши кишоварзӣ, аз қабили усулҳои истифодаи оқилонаи замину об, нигоҳдории гуногунии биологӣ, ҳифзи хок аз бодхӯрдашавӣ, пайвандзанӣ, мубориза ба муқобили касалиҳо ва ҳашаротҳои зараррасон, ба даст овардани навъҳои нави зироатҳо, тухмипарварии зироатҳо, коркард ва нигоҳ доштани маҳсулотҳо ва ғайраҳо аз тарафи мардум ва донишмандону оқилони бахши кишоварзӣ дар муддати таърихи тӯлонӣ андӯхта шудаанд ва то имрӯз онҳо ҳифзу нигоҳ дошта мешаванд. Ин донишҳои нодири анъанавӣ барои наслҳои оянда имрӯзу фардо низ заруранд ва бояд роҳу усулҳои нигоҳ ва ҳифз намудани ин донишҳои суннатиро барои наслҳои оянда тақвият бахшида, онҳоро нигоҳ дорем. Бинобар ин дар китоби мазкур мо чанде аз тависфу дастрасии баъзе аз таҷрибаҳои нодири мадумиро, ки аз ҳаёту таҷрибаи марудми деҳоти гуногуни Тоҷикистон гирд оврада шудаанд, ба хонандагону деҳқонон, олимону мутахасиссони бахши кишоварзӣ бо камоли мамнуният пешкаш менамоем. Инчунин дар китоб доир ба баъзе аз навъу намудҳои нодири растаниҳо, ки ҳоло дар ихтиёри мардуми кишоварз қарор доранд, маълумотҳои зарурӣ пешкаши хонандагон мегардад.

***Муҳаррир: Қурбоналӣ ПАРТОЕВ*** – доктори илмҳои кишоварзӣ,
ходими калони илмӣ, профессор,
узви вобастаи Академияи
Табиатшиносии Руссия

***ISBN 978-99975-915-3-1***

***Тайёр намудан ва чопи китоб бо дастгирии молявии Барномаи Ҷонибдории Инкишофи Иҷтимоии Манотиқи Кӯҳистон (БҶИИМК)-и пружаи Фонди Тоҷикистонии Ого Хон амалӣ шудааст.***

*ТҶ «Ҳамкорӣ Бахри Тараққиёт»*

УДК 633/635+635.21+631
ББК 41/42+42.15+41.3
П - 26

АВТОРЫ:

*Курбонали ПАРТОЕВ – доктор сельскохозяйственных наук;*
*Изомидин КАРИМОВ – страший научный сотрудник;*
*Аскаршо ЗЕВАРШОНВ – координатор программы КИЗТ.*

Такие традиционные знания и опыта в области сельского хозяйства, как разумное использование земли и воды, сохранение биоразнообразия, защиты почвы от эрозии, прививка, борьба с болезнями и вредителями, получение новых сортов, семеноводство культур, переработки и хранения продукции и другие со стороны людей и знатаков традиционных знаний в области сельского хозяйства формировались в длинный исторический период и они сохранены до сегодняшнего дня. Эти оригинальные традиционные знаний нужны для сегодняшного и будущего поколения людей и нужны их сохранить и улучшить в будущем для будущего поколения людей.

В связи с этим в данной книге нами приведены некоторые характеристики и доступности к нескольким оригинальным экспериментам с жизни и опыта населения горных районов Таджикистана, и с удовольствием представляем их на рассмотрение читателей, фермеров, ученых и специалистов сельского хозяйства. Также в книге приведены характеристики ряда сортов и видов местных культур, которые сейчас находятся в руках у местных фермеров.

Редактор: Курбонали ПАРТОЕВ – доктор сельскохозяйственных наук,
главный научный сотрудник, профессор,
член-корр. Российской Академии Естествознания

***ISBN 978-99975-915-3-1***

***Написание и подготовка книги для печати осуществлен при финансовой поддержки Программы Социального Развития Горных Регионов Фонда Ага Хан в Таджикистане.***

UDK 633/635+635.21+631
BBK 41/42+42.15+41.3
P - 26

AUTHORS:

Kurbonali PARTOEV - the doctor of agricultural sciences;
Izomidin KARIMOV – the main research assistant;
Askarsho ZEVARSHOEV - the co-ordinator of programme KIZT

Such traditional knowledge and experience in agriculture sector as reasonable use of the earth and water, preservation of a biodiversity, protection of soil against erosion, grafting, struggle against illnesses and wreckers, reception of new varietyes, seed-growing of crops, processings and storages of production and others from people and traditional knowledges in the field of agriculture were formed during the long historical period and they is kept till today. These, original traditional knowledge are necessary for today and the future generation of people and are necessary to keep and improve them in the future for the future generation of people.

In this connection in the given book we result some characteristics and availability in several original experiments from life and experience of the population of mountain areas of Tajikistan, and with pleasure is submitted to their consideration of readers, farmers, scientists and experts of agriculture. Also, are resulted in the book characteristics of some grades and kinds of local varietyes, which now are in hands at local farmers.

The editor: Kurbonali Partoev - the doctor of agricultural sciences, professor, member-corr. of Russian Academy the Nature of History

***ISBN 978-99975-915-3-1***

**Writing and preparation books for the press it is carried out at financial support of the Program of Social Development of Mountain Regions of the Fund Agha Khan in Tajikistan.**

Мундарича


САРСУХАН........................................................................................6

1. ОМӮЗИШИ ДОНИШҲОИ МАРДУМӢ ВА НАВЪҲОИ МАҲАЛӢ ДАР ВОДИИ РАШТ ................................................10

*2. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲО* ......................................................11

*3. УСУЛҲОИ ИҶРОИШИ КОРҲОИ ТАДҚИҚОТӢ* ................13

4. МЕТОДОЛИГИЯИ ОМӮЗИШИ ДОНИШҲОИ МАРДУМӢ ..........................................................................................16

5. МАФҲУМИ ГУРӮҲИ ТЕХНОЛОГИИ ДЕҲА (ГТД)........18

6. ОМӮЗИШ ВА ТАВСИФИ ДОНИШҲОИ МАРДУМӢ ДАР ГУРӮҲҲОИ ТЕХНОЛОГИИ ДЕҲОТ (ГТД) ...........................19

6.1.Ноҳияи Файзобод ........................................................ 20
6.2. Ноҳияи Роғун .............................................................. 26
6.3. Ноҳияи Нуробод ......................................................... 31
6.4. Ноҳияи Рашт ............................................................... 35
6.5. Ноҳияи Тоҷикобод....................................................... 53
6.6. Ноҳияи Лахш ............................................................... 58
6.7. Ноҳияи Сангвор (Тавилдара)....................................... 66

ХУЛОСАҲО .............................................................................88

АДАБИЁТҲО ...........................................................................90

# *САРСУХАН*

Одамон аз қадимулайём баҳри рӯзгузаронӣ асосан аз захираву ресурсҳои табиӣ истифода бурдаанд. Аммо бо мурури афзоиш ёфтани миқдори одамон дар кураи Замин, талаботҳои моддӣ, иҷтимоӣ ва маънавии одамон сол аз сол афзун гашт, ки ин сабаби асосии андухтану кашф намудани таҷриба ва донишҳои нодири мадумиро пеш овард. Дар натиҷа малака ва донишҳои мардумӣ сол аз сол сайқал ёфта, дар байни мардум, деҳқонон ва кишоварзон васеъ истифода гаштанд. Вале, бояд қайд намуд, ки аз сабаби ру ба афзоиш доштани нуфузи одамон дар сайёра, дар оянда масъалаи таъмин одамон бо маводҳои лозимаи хӯрока ва пӯшока мушкилотро пеш меорад ва дар баланд бардоштани маҳсулнокии зироатҳо ва чорво дар бахши кишоварзӣ саҳми донишҳои нодири мардумӣ ниҳоят калон мегардад. Мувофиқи маълумотҳои мавҷуда, ҳоло миқдори истеҳсоли нафт, ангиштсанг, маводҳои аз ҷангалҳо ба даст овардашаванда, обҳои нӯшокиву обиёрикунада ва дигар захираҳо ниҳоят бо суръати баланд дар сайёра кам гашта истодаанд. Аз тарафи дигар аз сабаби дар мамлакатҳои тараққикардаи олам, ба монанди Амрико, Чин, Руссия, Ҳиндустон ва ғайраҳо афзудани миқдори заводҳо, фабрикаҳо, автомобилҳо, киштиҳо, тайёраҳо (самолётҳо), корхонаҳои саноатӣ, истеҳсол ва коркарди маҳсулотҳои талаботи одамон боиси зиёд гаштани гази карбон дар қабати болои атмосфера ва сол аз сол ғализ гаштани муҳити зист ва тағйиёбии иқлими сайёра гаштааст. Яъне инсон ҳамчун омили таъсиркунандаи антропогенӣ дар натиҷаи фаъолиятҳои гуногуни хеш ба табиат ва муҳити зист таъсири манфӣ расонид, ки ин билохира ба

зиёдшавии гази карбон ва дигар газҳо дар қабати атмосфераи Замин оварда расонид. Умуман дар давоми асри XX ва 15 соли сипаригаштаи асри XXI дар сайёра миқдори газҳои ихроҷшуда ба осмон хело афзуд, ки дар натиҷа ҳарорати кураи Замин низ хело баланд шуд. Ҳоло аз сабаби баланд гардидани ҳарорати ҳаво дар сайёра, кам гаштани миқдор ва майдони пиряххо, коҳиш ёфтани манбаҳои табии оби ошомиданӣ, заиф гаштани саломатии одамон, аз байн рафтани миқдори зиёди навъу намудҳои наботот ва ҷинсҳои ҳайвонот ва дигар мушкилотҳои экологӣ дар табиат мушоҳида мегарданд.

Ин нишонаҳои харобшавии муҳити зист ва табиат ҳамаи бошандагони сайёраро водор месозад, ки минбаъд дар фаъолиятҳои хеш оиди истифодаи сарватҳои табиат ва захираҳои он боэҳтиёт бошанд ва барои пешгирӣ намудани чунин ҳолатҳои вазнин талош варзанд. Пеш аз ҳама одамон бояд ба ҳарчӣ кам хориҷ гаштани гази карбон дар оянда диққати махсус диҳанд. Ҳар як шахс метавонад, ки бо роҳи дуруст дарк намудани ин мушкилиҳо каме бошад, ҳам ба табиат ва муҳити зист таъсири мусбӣ расонад. Масалан, бо роҳи кам буридани дарахтон ва афзоиш додани майдони ҷангалзору дарахтон  мо метавонем, ки ба муҳити атрофи деҳаамон, бо роҳи истифодаи оқилонаи зироатчигии органикӣ ҳосилхезии заминро ва дар натиҷаи босамар истифодабарии об эрозияи замиро дар кишоварзӣ нигоҳ дорем. Яъне дар оянда мо чи тавр ба муҳити моро фарогиранда  муносибат менамоем, чи тавр мо аз захираҳои табиӣ сарфаю сариштакорона истифода мебарем, ҳамон қадар наслҳои оянда метавонанд осудаҳол ва чунин мушкилиҳои экологиро кам ҳис намоянд.

Дар муддати солҳои тулонӣ падарону бобоҳои мо дар натиҷаи истифодабарии таҷрибаи андӯхтаи нодири хеш, яъне донишҳои суннатии қадимаи мардумӣ ба фарзандони хеш, ба наслҳо таҷрибаи рӯзгузарониро мерос мондаанд. Ва дар ин раванд асосгузори адабиёти классикии тоҷик Абу Абдулло Рӯдакӣ чунин фармудаанд:

Ҳар ки наомӯхт аз гузашти рӯзгор,
Ҳеҷ наомӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.
Бирав зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,
Ки баҳри даъфи ҳаводис туро ояд ба кор.

Чунин донишҳои нодири мардумӣ, аз қабили усулҳои истифодаи оқилонаи замину об, нигоҳдории гуногунии биологӣ, ҳифзи хок аз бодхӯрдашавӣ, пайвандзанӣ, мубориза ба муқобили касалиҳо ва ҳашаротҳои зараррасон, ба даст овардани навъҳои нави зироатҳо, тухмипарварии зироатҳо, коркард ва нигоҳ доштани маҳсулотҳо ва ғайраҳо аз тарафи мардум ва донишмандону оқилони бахши кишоварзӣ дар муддати таърихи тӯлонӣ андӯхта шудаанд ва то имрӯз онҳо ҳифзу нигоҳ дошта мешаванд.

Имрӯзу фардо ин донишҳо барои наслҳои оянда низ заруранд ва ҳамагон бояд роҳу усулҳои нигоҳ ва ҳифз намудани ин донишҳои нодири мардумиро барои наслҳои оянда қавӣ ва устувор гардонем.

Дар соҳаи кишоварзӣ бошад, пеш аз ҳама навъҳои маҳалӣ ва суннатие (бобогие), ки онҳо аз аҷдодони гузашта ба мо мерос мондаанд, ҳамагон онҳоро дар оянда бояд ҳифз намуда, афзоиш ва зиёд гардонанд. Бояд қайд намуд, ки аксари навъҳои маҳалии дарахтону зироатҳои кишоварзӣ ба касалиҳо ва ба хушкӣ тобовар буда, сифати

баланди таъму ғизогӣ дошта, хусусияти махсуси хосаи агроэколгияи ин ё он маҳалро соҳибанд. Аз тарафи дигар мардуми маҳал низ дар муддати тулонӣ ба меваю маводи ин навъҳои маҳалӣ одат кардааст ва онҳо ғизои аввалини давраи дурру дарози мардуми маҳал ба шумор мерафтанд. Вале, солҳои охир аз сабаби кам гаштани ғамхорӣ нисбати ин навъу намудҳои гуногуни маҳалӣ, аллакай як қисми онҳо талаф ёфтаанд. Аз ин лиҳоз нигоҳ доштани навъҳои нодири маҳалӣ дар оянда метавонад, дар таъмини бехатарии озўқаворӣ дар мамлакат саҳми арзанда дошта бошад.

Ба ҳамин тариқ дар оянда тақвият бахшидани донишҳои мардумӣ ва ҳифз намудани навъҳои маҳалӣ дар соҳаи кишоврзӣ метавонад ҳамчун яке аз омилҳои муҳими мутобиқшавии мардуми маҳал дар рафъи таъсири манфии омилҳои глобалӣ, аз қабили камбизоатӣ, нарасидани маводи ғӣзоӣ ва тағирёбии иқлим кўмаки хешро расонида метавонад. Бинобар ин дар ин ҷо дар бобати тавсифу хусусиятҳои донишҳои нодири мардумӣ ва истифодаи онҳо аз тарафи мардум маълумотҳои муфид пешниҳод мегарданд.

## *1. ОМӮЗИШИ ДОНИШҲОИ МАРДУМӢ ВА НАВЪҲОИ МАҲАЛӢ ДАР ВОДИИ РАШТ*

Тоҷикистон яке аз мамлакатҳои қадимаи Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Ҷумҳурӣ бо чунин давлатҳо ҳамсарҳад мебошад: аз шарқ ба Ҷумҳурии Чин дарози хати сарҳад 430 км, аз шимол бо Ҷумҳурии Қирғизистон – 630 км, аз ғарб бо ҷумҳурии Узбекистон-910 км ва аз ҷануб бо Афғонистон-1030 км хати сарҳад дорад. Сокинони ин диёри кӯҳистон аз қадимулайём ба зироатчигӣ ва рушди кишоварзӣ машғул буданд. Кишоварзӣ яке аз манбаҳои асосии рӯзгузаронии ин мардуми ин мамлакати аграрӣ ба шумор мерафт. Дар ин ҷо чунин омилҳои агроэкологии мамлакат, ба монанди давомнокии рӯз, пасту баланд шудани ҳарорат дар давоми сол, инчунин консентратсияи баланди нурҳои ультрабунавш боиси таъсир расонидан ва дигаргун гаштани бисёре аз нишонаҳои морфологӣ ва ирсии набототу ҳайвонот дар Тоҷикистон мегарданд. Аз ин сабаб Тоҷикистон ватани пайдо гаштани чунин зироатҳо, аз қабили гандум, пиёз, сирпиёз, лӯбиёгиҳо, харбуза, мевагиҳо ва дигар зироатҳо ба шумор меравад (Н.И. Вавилов) ва аз қадимулайём аҷдодони гузаштаи ин минтақа муаллифони бисёре аз навҳои зироатҳои кишоварзӣ ба шумор мераванд. Халқҳои бисёри олам, аз қабили Ҳиндустон, Чин, Афғонистон, Эрон, мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ва Аврупо то кунун аз дастовардҳои тоҷикон дар ба даст овардани навъҳои зироатҳо ва ҷинсҳои ҳайвонот истифода мебаранд.

Вале бисёре аз навъҳои маҳаллии зироатҳо ва зотҳои ҳайвонот, ки ба шароити маҳал дар муддати дарози эволютсионӣ мутобиқгашта буданд, дар натиҷаи ворид

сохтани навъу зотҳои дигар аз беруни мамлакат дар муддати солҳои 70-90 – ми асри гузашта, боиси аз байн рафтани ин навъҳои маҳаллӣ гашт. Бинобар ин ҳоло боз заруряти аз нав омӯхтану эҳё сохтани ин гуногунии агробиологии маҳаллӣ, донишҳо ва малакаҳои мардумӣ дар бахши кишоварзӣ дар ҳудуди Тоҷикистон, Афғонистон ва дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ба миён омадааст.

Аз ин лиҳоз ходимони илмии Институти ботаника, физиология ва генетикаи Академияи Илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Институти боғпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон бо ҳамроҳии мутахассисони Ташкилоти Ҷамъиятии (ТҶ) «Ҳамкорӣ баҳри тараққиёт» доир ба омӯзиши гуногунии агробиологии маҳалиро дар шароити водии Рашт аҷом расониданд.

## *2. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲО*

Мақсади гузаронидани ин тадқиқотҳо омӯхтан ва муайян намудани гуногунии агробиологии маҳаллӣ (мевагиҳо, ғалладонагиҳо, зироатҳои хӯроки чорво), ки ҳоло онҳо парвариш меёбанд ва қисме аз онҳо дар ҳолати аз байн рафтан қарор доранд, иборат буд. Ба ғайр аз ин дар ҷараёни тадқиқотҳо донишҳои мардумӣ, таҷриба ва малакаи кишоварзон, роҳҳои аз нав эҳё сохтан ва нигоҳдории онҳо барои наслҳои оянда ва истифодаи онҳо дар раванди тараққиёти устувори ҷомеа низ ба ҷо оварда шуданд.

Баҳри иҷроиши ин мақсадҳои гузошташуда дар назди мутахассисон чунин вазифаҳо гузошта шуда буданд:

- таъсис додани гурӯҳи машваратӣ аз қабили олимон, калонсолон, занҳо ва ҷавонон баҳри омӯзиши

донишҳои мардумӣ дар ҷомеа ва дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ оид ба гуногунии биологӣ ва малакаҳои суннатӣ,

- ташкил намудани сафарҳо ба ноҳияҳои омӯзишӣ дар Тоҷикистон доир ба ташкил намудани вохӯриҳо ва мулоқотҳо ба калонсолон, деҳқонон, занҳо ва аҳолӣ дар маҳал,
- ҷамъ овардани маълумотҳои зарурӣ доир ба донишҳои мардумӣ, таҷрибаҳо ва малакаҳо оиди гуногунии зироатҳои кишоварзӣ, зотҳои чорво ва дигар намудҳои набототу ҳайвонот,
- гузаронидани пурсишҳо баҳри муайян сохтани мушкилиҳо аз нуқтаи назари экологӣ, ҳифзи муҳити зист, иқтисодиёти мардуми маҳал, ки ба донишҳои мардумӣ алоқаманд мебошанд,
- муайян намудани донишҳои мардумӣ ва таҷрибаҳо дар байни калонсолон, занҳо, мутахассисони таҷрибанок дар бахши гуногунии биологӣ, намудҳои растаниҳо ва зоти чорво, усулҳои суннатии табобати касалиҳо ва дигар анъанаҳои халқии фаромӯшгашта,
- пайдо намудани ҷойҳои асосии афзоиш додани зироатҳои арзишдори зироатҳо, мевагиҳо, зоти чорво ва дигар гуногунии биологӣ ва анъанаҳои халқӣ,
- баланд бардоштани ҳавасмандии аҳолии маҳал доир ба ҳифз намудани донишҳои мардумӣ, намунаҳои оригиналии растаниҳо, зоти чорво ва дигар намунаҳои тадқиқотӣ дар маҳал,
- ташкил ва таъмин намудани шароити минбаъд нигоҳдорӣ ва афзоиш додани донишҳои зарурӣ ва анъанаҳо баҳри дар оянда истифода бурдан ва афзоиш додан,

- ҷамъбаст намудани натиҷаҳои ба даст омадаи тадқиқотҳо оиди донишҳои суннатӣ ва малакаҳо дар солҳои оянда.

## *3. УСУЛҲОИ ИҶРОИШИ КОРҲОИ ТАДҚИҚОТӢ*

Баҳри иҷроиши корҳои саҳроӣ мо методологияи махсусро таҳия намудем, ки вай аз чунин давраҳо иборат буд:

- ✓ сафарҳо ба ноҳияҳои омӯзишӣ ва супоридани мактубҳои расмӣ аз номи ташкилот ба номи раисони ҳукуматҳои ноҳияҳо ва баҳс намудани ҳадафҳо ва вазифаҳои корҳои нақшавӣ,
- ✓ вохӯрӣ бо роҳбарони ассосатсияҳои деҳқонии ноҳияҳо ё ин ки бо ҷонишинони раисони ҳкукумати ноҳияҳо оид ба корҳои кишоварзӣ ва шӯъбаҳои ҳукуматҳои маҳал. Баҳси мақсаду мароми барномаҳои кории мо ва гирифтани тавсияҳои онҳо оиди вохӯриҳо бо калонсолони деҳот, деҳқонони таҷрибанок, ташкил намудани вохӯриҳо ба онҳо оиди малакаҳо ва донишҳои суннатӣ доир ба гуногунии биологӣ  дар сатҳи ноҳия,
- ✓ рафтан ба ҷамоатҳои деҳот ва ташкил намудани вохӯриҳо бо намояндагон ва коргарони ташкилотҳои маҳалӣ ва шинос намудани онҳо ба мақсаду вазифаҳои корҳои омӯзишӣ,
- ✓ ба даст овардани маълумотҳо оид ба донишҳои мардумӣ ва гуногунии биологӣ дар сатҳи ҷамоатҳои деҳот,
- ✓ муайян сохтани ҷои зисти калонсолони деҳа, деҳқонони таҷрибанок, занҳои калонсол ва дигарон, ки солҳои дароз дар саҳро кору фаъолият намудаанд,

- ✓ сафар ба деҳаҳо ва ташкил намудани вохӯриҳо бо деҳқонони таҷрибанок, занҳо ва дигарон дар сатҳи деҳаҳо.
- ✓ рафтан ба хонаҳои деҳқонони таҷрибанок, занҳои таҷрибанок ва шинос намудани онҳо бо мақсаду вазифаҳои барномаи омӯзишӣ, саволу ҷавобҳо, инчунин гирифтани расмҳои деҳқонон, навъу намудҳои дарахтони мевадиҳанда, меваҳо, тухмиҳои навъҳо, зоти чорво, паррандаҳо ва дигар маводҳои лозима оиди донишҳои мардумӣ, таҷрибаҳо ва малакаҳо,
- ✓ гузаронидани пурсишнома дар асоси саволномаи пешакӣ тартиб дода шуда,
- ✓ ба навор гирифтани равиши сӯҳбатҳо, саволу ҷавобҳо ва гирифтани расмҳо дар ҷараёни тадқиқотҳо,
- ✓ давом додани вохӯриҳо ва сӯҳбатҳо бо дигар деҳқонон, занҳо ва дигар иштирокчиёни вохӯриҳо оид ба донишҳои мардумӣ ва таҷрибаҳои онҳо, инчунин навишта баҳо додани навъҳои қадимаи дарахтону растаниҳо, намудҳои зироатҳо ва дарахтон дар макони парвариши онҳо дар маҳал,
- ✓ ташкил намудани воҳӯриҳои оммавӣ бо деҳқонон, гузаронидани семинарҳои хурд (мини семинаров) бо иштирокчиёни вохӯриҳо,
- ✓ навишта гирифтани натиҷаҳои вохӯриҳо ва сӯҳбатҳо (як нафар тадқиқотчӣ савол медиҳад, тадқиқотчии дигар менависад раванди саволу ҷавобро, нафари сеюм бошад ба наворгирӣ ва расмгирӣ машғул мешавад),
- ✓ натиҷаҳои ба даст овардаро мутахассисон дар офис баҳс намуда, ҳамаи ахборотҳо аз дафтарҳо ба компютерҳо гузаронида, манбаъи маълумотҳо (база данных) ташкил дода мешавад,

- ✓ Ҷамъбасти натиҷаҳои гирдоварда шуда ва навиштани ҳисобот оид ба тадқиқотҳои гузаронидашуда.

Ба ҳамин тариқ тадқиқотҳои мо ба чунин фаъолиятҳо равона гашта буданд:

- ➢ муайян намудани шахсон, деҳқонон, омма ва деҳот, ки дар он ҷо донишҳои мардумӣ, таҷриба, малака ва гуногунии набототу ҳайвонот ҳифз гаштааст,
- ➢ гузаронидани вохӯриҳо ва сӯҳбатҳо ба шахсоне, ки донишҳои қадимаро ва таҷрибаҳоро дар деҳот нигоҳ доштаанд ё ин ки онҳо навъҳои маҳалии зироатҳои кишоварзиро, зотҳои чорво ва паррандагоро, ҳамчун манбаи гуногунии биологӣ нигоҳ доштаанд,
- ➢ навиштани таҷриба ва малака оид ба донишҳои мардумӣ, навъҳои нодири маҳалии зироатҳо, зоти чорво ва паррандагон дар деҳот,
- ➢ муайян намудани роҳҳои минбаъд ҳифз намудани донишҳои суннатӣ, малакаҳо ва таҷрибаҳои нодир дар бахши кишоварзӣ ва истифодаи онҳо баҳри рушди ояндаи ҷомеа.

Олими намоён Николай Иванович Вавилов ҳанӯз дар қарни гузашта чунин қайд намуда буд*…* ***«ҳоло нисбати он гуногунии биологие, ки табиат онро дар давоми ҳазорон ва миллион солҳо тавлид намудааст, хело ғамхор бояд буд» ва академик Серебровский А. С. бошад оиди ҳифз ва афзун намудани гуногунии биологӣ чунин гуфта буд… «маҷмӯи ҳамаи генҳои намудро… ман генофонд номидам, чунки ге-***

***нофонд ҳам мисли захираҳои нафт, тилло, ангиштсанг, ки дар қаъри конҳои мо ниҳонанд, боигарии миллӣ ба шумор меравад».***

## *4. МЕТОДОЛИГИЯИ ОМӮЗИШИ ДОНИШҲОИ МАРДУМӢ*

Баҳри иҷроиши корҳо доир ба омӯзиши донишҳои нодири мардумӣ мо методологияи махсусро таҳия намудем, ки вай аз чунин давраҳо иборат буд:

1. Сафарҳо ба ноҳияҳои омӯзишӣ дар водии Рашт (ноҳияҳои Файзобод, Роғун, Нуробод, Сангвор, Рашт, Тоҷикобод, Лахш) ва баҳс намудани ҳадафҳо ва вазифаҳои корҳои лоиҳавӣ,
2. Вохӯрӣ бо роҳбарони Гурӯҳҳои технологии деҳот (ГТД), ассосатсияҳои деҳқонӣ дар ноҳияҳо, деҳқонон ва донишмандони таҷрибаҳои нодир дар деҳот оид ба корҳои кишоварзӣ ва шӯъбаҳои ҳукуматҳои маҳал.
3. Вохӯриҳо ба донишмандони донишҳои суннатӣ доир ба гуногунии биологӣ дар сатҳи ноҳия,
4. Рафтан ба ҷамоатҳои деҳот ва ташкил намудани вохӯриҳо бо намояндагон ва коргарони ташкилотҳои маҳалӣ ва шинос намудани онҳо ба мақсаду вазифаҳои корҳои омӯзишӣ,
5. Ба даст овардани маълумотҳо оид ба донишҳои мардумӣ ва гуногунии биологӣ дар сатҳи ҷамоатҳои деҳот,
6. Муайян сохтани ҷои зисти калонсолони деҳа, деҳқонони таҷрибанок, занҳои калонсол ва дигарон, ки солҳои дароз дар саҳро кору фаъолият намудаанд,
7. Рафтан ба хонаҳои деҳқонони таҷрибанок, занҳои таҷрибанок ва шинос намудани онҳо бо мақсаду вазифаҳои барномаи омӯзишӣ, саволу ҷавобҳо, инчунин

гирифтани расмҳои деҳқонон, навъу намудҳои дарахтони мевадиҳанда, меваҳо, тухмиҳои навъҳо, зоти чорво, паррандаҳо ва дигар маводҳои лозима оиди донишҳои мардумӣ, таҷрибаҳо ва малакаҳо,

8. Гузаронидани пурсишнома дар асоси саволномаи пешакӣ тартиб дода шуда,
9. Навишта гирифтани натиҷаҳои вохӯриҳо ва сӯҳбатҳо,
10. натиҷаҳои ба даст овардаро мутахассисон дар офис баҳс намуда, ҳамаи ахборотҳо аз дафтарҳо ба компютерҳо гузаронида, манбаъи маълумотҳо (база данных) ташкил дода шуд,
11. Ҷамъбасти натиҷаҳои гирдоварда шуда ва навиштани ҳисобот оид ба тадқиқотҳои гузаронидашуда.

***Нақшаи гузаронидани омӯзишу тавсифотҳо оиди донишҳои нодири мардумӣ дар маҳал дар поён оварда мешавад.***



Ба ҳамин тариқ тадқиқотҳои мо доир ба омӯзиши таҷрибаҳои нодири мардумӣ ба чунин самтҳо равона гашта буданд:

- муайян намудани донишмандон, деҳқонон, омма ва деҳот, ки дар он ҷо донишҳои мардумӣ, таҷриба, малака ва гуногунии набототу ҳайвонот ҳифз гаштааст,
- гузаронидани вохӯриҳо ва сӯҳбатҳо бо Гурӯҳҳои технологии деҳот (ГТД), шахсоне, ки донишҳои қадимаро ва таҷрибаҳоро дар деҳот нигоҳ доштаанд ё ин ки онҳо навъҳои маҳалии зироатҳои кишоварзиро, зотҳои чорво ва паррандагоро, ҳамчун манбаи гуногунии биологӣ нигоҳ доштаанд,
- навиштани таҷриба ва малака оид ба донишҳои мардумӣ, навъҳои нодири маҳалии зироатҳо ва таҷрибаҳои мардумӣ дар деҳот,
- муайян намудани роҳҳои минбаъд ҳифз намудани донишҳои суннатӣ, малакаҳо ва таҷрибаҳои нодир дар бахши кишоварзӣ ва истифодаи онҳо баҳри рушди ояндаи ҷомеа.

## *5. МАФҲУМИ ГУРӮҲИ ТЕХНОЛОГИИ ДЕҲА (ГТД)*

Гурӯҳи Технологии Деҳа (ГТД) як намуди пешбурд ва ташкили системаи хизматрасонӣ дар соҳаи хоҷагии қишлоқ дар асоси таҷрибаҳои мавҷудаи маҳал (анъанавӣ) барои минтикаҳои баландкӯҳ ба шумор меравад. Моҳияти асосии ташкили ин гурӯҳҳо ин дар гирди деҳқонони ботаҷриба, ки нисбати дигар ҳамкасбон бомуваффақтар ҳастанд дар як гурӯҳ ҷамъ кардани деҳқонон мебошад. Ин ба онҳо имконият медиҳад, ки дар давоми мавсим аз

деҳқонони ботаҷриба биомӯзанд ва таҷрибаи худро бо дигарон қисмат намоянд. Принсипи асосии ҳамроҳшавӣ ба гурӯҳҳо асосан ихтиёрӣ буда, дар асоси талаботҳои шахсӣ ё ки индивидуалӣ, ки мехоҳанд аз таҷрибаҳои дигарон биомӯзад, мебошад. Пеш аз ташкил кардани гурӯҳ, тадқиқоти пешакӣ оиди муайян намудани таҷрибаҳои пешқадами мавҷудаи дар сатҳи маҳал дар соҳаи хоҷагии қишлоқ гузаронда мешавад. Баъд аз ин аз байни таҷрибаҳои пешкадам, беҳтаринҳо, ки нисбати онҳо маҳал бисёртар эҳтиёҷот дорад, интихоб шуда, дар гирди он гурӯҳ ташкил дода мешаванд. Баъди ташкил шудани гурӯҳ, роҳбари гурӯҳ як нафар деҳқони пуртаҷриба интихоб мегардад. Гурӯҳи технологии деҳа (ГТД) нақшаи фаъолиятҳоро барои соли ҷорӣ бо интихоби маъсулон тартиб медиҳад. Дар ин вақт асосан нақшаи вохӯрии гурӯҳ ҳам тартиб дода шуда, дар гурӯҳ мувофиқа ва тасдиқ карда мешавад.

## *6. ОМӮЗИШ ВА ТАВСИФИ ДОНИШҲОИ МАРДУМӢ ДАР ГУРӮҲҲОИ ТЕХНОЛОГИИ ДЕҲОТ (ГТД)*

Корҳои тадқиқотӣ-омӯзишӣ доир ба тавсифу омӯзиши донишҳои нодири мардумӣ дар ҳудуди ноҳияҳои водии Рашт, дар ноҳияҳои Файзобод, Роғун, Нуробод, Сангвор, Рашт, Тоҷикобод ва Лахш, дар 24 деҳа, аз он ҷумла дар деҳаҳои «Хами савра», «Сурх дара», «Боғи мирӣ», «Дараи валӣ», Хоҷаи мурод», «Оби гарм», «Ҷавонӣ», «Қалъаи нав», «Дебистон», «Тавилдара», «Дехи калон», Ганҷрези Нуробод», «Соҳибганҷ», «Кочон», «Душохазамин», «Қалъанак», «Бедак», «Шаҳри нав», «Шархо», «Гулханӣ», «Ҳоит», «Дараи мазори боло», «Гулзор», «Нилоб» Наврӯз»,

«Куглик», «Ганишоб», «Ҷонқирғиз», «Қушағба», «Пилдон» ва дигар музофотҳои ҷумҳурӣ  гузаронида шуданд.

### *6.1.Ноҳияи Файзобод*

Бояд қайд намуд, ки ноҳияи Файзобод яке аз ноҳияҳои пурфайзи Тоҷикистон ба шумор рафта, дар он ҷо бахши кишоварзӣ хело пашрафта ба шумор меравад. Дар ин ноҳия мо омӯзишу тавсифи донишҳои нодири мардумиро дар Гурӯҳи технологии деҳот (ГТД) дар деҳаҳои «Боғи мирӣ», «Сурх дара» ва «Хами савра» дида баромадем.

***Деҳаи «Бои мирӣ». Истехсоли тухмии сабзавот.*** Дар деҳаи «Боғи мирӣ» Гурӯҳи технологии де-ҳот дар мавзӯи



***Сӯҳбат бо аъзоёни ГТД-и «Боғи мирӣ», ноҳияи Файзобод***

«Истеҳсоли тухмии сабзавотиҳо» кор мебаранд. Дар ин гурӯҳ як мард ва нӯҳ зан шомил мебошанд. Роҳбари ин гурӯҳ Зиёев Додулло мебо-шад. Чи тавре, ки мо аз кори ин ГТД бохабар гаштем онҳо барои парвариш намудани тухмиҳои сабзавотӣ, аз қабили пиёз, сабзӣ, помидор, бодиринг ва ғайраҳо пеш аз ҳама заминро нағз омода месозанд. Пеш аз шудгор ба замин нуриҳои органикӣ (поруи пӯсидаро, ба микдори 5-10 тонна/га) ва минералиро (нитроген- 70 кг/га, фосфор – 110 кг/га ва калий – 70кг/га) андохта, пас онро дастӣ ба воситаи каланд, бел ё ин ки бо ёрии чорвои корӣ шудгор менамоянд. Пас аз шудгор хокро хело майда намуда, онро ба палҳо ҷудо менамоянд. Тухмиҳои сабзавотиро дар палҳои алоҳида кишт менамоянд. Пас аз кишт агар борон набораду замин хушк монад, ба палҳо об мемонанд, то ин ки тухмиҳо неш зада бароянд. Баъди баромадани ниҳолҳо ба киштзор аз ҳисоби 3кг ба майдони 0.01 га нуриҳои нитрогениро (селитари аммиаке ин ки мочевина) меандозанд. Ин ғизодиҳӣ баро серҳосил гаштани растаниҳо кӯмак мерасонад. Инчунин киштзори тухмиҳоро дар вақти сабзиш 2-3 маротиба аз алафҳои бегона тоза менамоянд.

Тухмиҳои расидаро дар фасли тира-моҳ ғунучин намуда, шуста, хушк карда, ба бозор ё ин ки то баҳори соли оянда нигоҳ медоранд.



***Сӯҳбат бо аъзоёни ГТД-и «Хами савра», ноҳияи Файзобод***

***Деҳаи «Хами савра». <u>Технологияи пешкадами парвариши пиёз.</u>***

Дар деҳаи «Хами савра» Гурӯҳи техно-логии деҳот дар мав-зӯи «Технологияи пеш-қадами парвариши пиёз» кор ва фаъолият менамоянд. Дар ин гурӯҳ нӯҳ мард ва як зан шо-



***Навъи маҳалии пиёз, ки онро дар ин ҷо «Сурхпиёз» меноманд, бисёр серҳосил ва дер боз нағз нигоҳ дошта мешавад, ГТД –и «Хами савра», Файзобод***

мил мебошанд. Роҳбари ин гурӯҳ Раҷабов Юнус меошад. Дар вақти сӯҳбатҳо  мо аз ин кори ГТД бохабар гаштем, ин ГТД онҳо барои парвариши ҳосили баланди пиёз машғул мебошанд. Онҳо низ пеш аз шудгор ба замин нуриҳои органикӣ (поруи пӯсидаро) ва минералиро андохта, пас онро дастӣ ба воситаи каланд, бел ё ин ки бо ёрии чорвои корӣ шудгор менамоянд. Пас аз шудгор хокро хело майда намуда, онро ба палҳо ҷудо менамоянд. Пиёзро ё ин ки дар палҳо ё ин ки дар саҳро кишт менамоянд. Пас аз кишт агар борон набораду замин хушк монад, ба замин об мемонанд, то ин ки тухмии пиёз неш зада бароянд.Пиёзро дар моҳҳои марту апрел кишт менамоянд. Баъди баромадани ниҳолҳо ба киштзор аз ҳисоби 3кг ба майдони 0.01 га нуриҳои нитрогениро (селитари аммиаке ин ки мочевина) меандозанд. Ба киштзор ду маротиба ғизо медиҳанд. Ғизои якумро дар вақти 2-3 барга будани ниҳолҳо ва ғизои дуюмро вақте, ки қадди барги ниҳолҳо 15-25 см будан, мегузаронанд. Ин ғизодиҳиҳо баро серҳосил гаштани растаниҳо кӯмак мерасонад. Инчунин киштзори пиёз дар вақти сабзиш 2-3 маротиба аз алафҳои бегона тоза менамоянд.

Ин навъи пиёз аз як га то 30-40 тонна ҳосил дода, барои ба даст овардани фоидаи иқтисодӣ кӯмак мерасоанад. Ҳосили пиёзро хушк карда, онро ба бозор ё ин ки то баҳори соли оянда нигоҳ медоранд.

### *Деҳаи «Сурхдара». Парвариши боғ дар нишебӣ*

Дар деҳаи «Сурхдара» Гурӯҳи технологии деҳот дар мавзӯи «Парвариши боғ дар нишебӣ» кор ва фаъолият менамоянд. Дар ин  гурӯҳ 10 нафар мард шомил мебошанд. Роҳбари ин гурӯҳ Каримов Абдураҳим мебошад. Бояд қайд намуд, ки деҳаи «Сурхдара» дар минтақаи кӯҳсори

ноҳияи Файзобод ҷойгир гаштааст ва мавқеи географии он барои ташкил намудани боғҳои мевади-ҳанда, аз қабили себ, нок, чормағз, тут ва дигар дарахтони мевади-ҳанда хело қулай мебошад. Дар вақти вохӯриҳо бо аъзоёни ин ГТД ба мо маълум, гашт, ки мардуми ин деҳа аз қадимулайём ба боғдорӣ шавқу рақбати калон доранд. Яке аз чунин ташкилкунандагони боғҳои дарахтони мевадиҳанда бобои Абдураҳим мебошад, ки вай дар майдони бештар аз 2 га дар нишебиҳои кӯҳҳо боғҳои себ, нок, зардолу ва чормғзро ташкил ва бунёд намудааст. Вай мегӯяд, ки боғдорӣ дар оянда дар шароити ноҳияи Файзобод имконияти васеъ дорад ва мардум метавонанд аз таҷрибаи андухтаи он васеъ истофода намоянд.



***Богбони асил дар ГТД –и «Сурхдара» Каримов Абдураҳим оиди боғдорӣ дар заминҳои нишебӣ сӯҳбат менамояд.***

## <u>*Аз таҷрибаи ахтакунии анъанавии чорво*</u>

Ин таҷрибаи сунатии ахтакунии чорворо сокини 80 солаи деҳаи «Қашқараҳа»-и ноҳияи Файзобод Раҷаб Худоёров мебошад. «Ман ин таҷрибаи нодирро аз падарм омӯхтаам, мегӯяд ин донишмандии мардумӣ. Ин таҷриба

ба он асос ёфтааст, ки бо роҳи дастӣ бо як чолокӣ дастӣ кандани раги нӯфтароҳ мебошад. Дар натиҷаи чунин таҷриба, мо метавонем, ки бе сарфи зиёдатӣ ва бе истифодабарии моддаҳои кимиёвию асбобҳои бойтории ахтакунӣ ба осонӣ ахтакунии пеш аз ҳама гӯсфандону бузҳо ва дигар намуди чорворо гузаронем. Ин таҷриба оддӣ буда, ба саломатии чорвои ахташаванда ягон таъсири бад нарасонида, ҳамаи саршумори чорво саломат монда, давраи фарбеҳ-шавии онҳо хело пурмаҳсул мегардад. Ман аз ин таҷабаи доштаам ҳар сол даромади хуб ба даст меорам. Ман ин таҷриабаи хешро ба як писарам, ки вай 50 сола мебошад, омӯзондам ва ӯ низ дар ин ҷодда хело таҷрибанок гаштааст, ки ин ба ман илҳом мебахшад».



***Раҷаб Худоёров - донишманди усулии анъанавии ахтакунии чорво аз деҳаи «Қашқараҳа»- и ноҳияи Файзобод***

## *6.2. Ноҳияи Роғун*

Чи тавре, ки ба мо маълум гашт, дар ноҳияи Роғун омӯзишу тавсифи донишҳои нодири мардумиро дар Гурӯҳи технологии деҳот (ГТД) дар деҳаҳои «Ҷавонӣ», «Қалъаи нав», «Дебистон» ва «Оби гарм» дар бахши кишоварзӣ пеш мебаранд.

***Деҳаи «Ҷавонӣ». <u>Технологияи парвариши картошкапиёз</u>***

Дар деҳаи «Ҷавонӣ» Гурӯҳи технологии деҳот дар мавзӯи «Технологияи парвариши картошкапиёз» кор ва фаъолият менамояд. Дар ин гурӯҳ 6 нафар деҳот шомил мебошанд. Роҳбари ин гурӯҳ Ҳамдамова Майсара мебошад. Ин ГТД ба парвариши як зироати дар ихтиёрашон буда, яъне картошкапиёз, ки онро дар аксари деҳоти водии Рашт дарёфт намудан мумкин аст, сару кор доранд. Ин навъи маҳалии пиёз ба шумор рафта, нисбат ба дигар навъҳои пиёз тезиаш кам ҳис карда мешавад ва таъми хуби хӯрокӣ дорад. Ҳосилнокиаш ба 18-20тонна аз як гектар



***Сӯҳбат бо Ҳамдамова Майсара оиди таҷрибаи занҳои деҳот дар парвариши навъи картошкапиёз, деҳаи «Ҷавонӣ», н. Роғун***

мерасад ва инчунин қобилияти хуби нигоҳдориро баъди ҷамъоварӣ намудани ҳосил-ро низ дорад.



***Сӯҳбати Каримов И.И. бо занҳо доир ба парвариши картошкапиёз, ГТД «Ҷавонӣ», н. Роғун.***

Бояд қайд намуд, ки картошкапиёз дар ратсиони одамон хело ҳам аҳамияти калон дошта, барои таъмини озӯқаворӣ ва ҳифзи саломатӣ аҳамияти калон дошта, барои ба даст овардани фоидаи иқтисодӣ ба оилаҳои мардуми деҳот кӯмаки калон карда метавонад. Барои ба даст овардани ҳосили баланди ин навъи маҳалии пиёз ба замин андохтани 50-100 кг поруи пӯсида ва 3-5 кг нуриҳои минералӣ дар майдони 0.01 га аҳамияти калон дорад. Дар давоми нашъу намои ин навъи метавон бо додани 5-6 маротиба обмонӣ ҳосили дилхоҳи онро ба даст овард. Инчунин ин навъи пиёз ба ҳар гунна касалиҳои занбурӯғӣ ва бактериявӣ нисбати дигар навъҳои пиёз хело тобовар буда, дар оянда дар корҳои селексионӣ метавонад маводи аввалиндараҷа истифода гардад.

***Деҳаи «Қалъаи нав». <u>Технологияи парвариши топинамбур.</u>***



***Корманди Барномаи Фонди Ого Хон Тоиров Р.А. ва деҳқонон дар замини фермер Каландарова Ситора, ҳолати сабзиши растании топинамбурро аз назар мегузаронанд***

Дар деҳаи «Қалъаи нав» Гурӯҳи тахнологии деҳа (ГТД) дар мавзӯи «Технологияи парвариши топинамбур» кор ва фаъолият менамояд. Дар ин ГТД 2 нафар мардон ва 4 нафар занҳои деҳот доир ба парвариши топинамбур машғул мебошанд.Бояд қайд намуд,ки соли 2015 дар доираи ҳамкориҳои илмию амалӣ Фонди Оғо Хон дар Тоҷикистон ва Маркази рушди инноватсионии илм ва технологияҳои нави АИ ҶТ ба деҳаи «Қалъаи нав»- и ноҳияи Роғун 100 кг тухмии топинамбур навъи «Интерес» оварда шуда, ба ГТД –и ин деҳа дода шуд, то ин ки ин зироати нодирро дар ин ҷо афзоиш диҳанд. Дар натиҷаи ин ГТД топинамбурро дар деҳа афзоиш дода, феремрҳои деҳот аз он ҳар гунна хӯрокиҳо ва нӯшокиҳо тайёр наму-

данд. Махсусан, маҳсулоти тайёр намуда, аз лӯндаҳои топинамбур ва хӯроки-ҳои гуногун хело писанди мутахассисони шаҳраки Роғун, мардум ва меҳмонони олиқадр аз Европа гашт (расми 9). Ҳамин тариқ дар натиҷаи ҳамкориҳои олимони Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва деҳқонони ГТД – и «Қалъаи нав»-и шаҳри Роғун дар бобати парвариш намудани растании фоиданоки бахши кишоварзӣ- топинамбур натиҷаи хуб ба даст оварда шуд. Барои парвариш намудани топинамбур пеш аз ҳама замин бояд нағз шудгор гашта, нуриҳои органикию минералӣ ба миқдори зарурӣ ба хок андохта шаванд. Дар минтақаи деҳаи «Қалъаи нав»-и шаҳраки Роғун мо кишти топинамбурро дар авали моҳи май гузаронидем. Ба растаниҳо ду маротиба ғизо дода шуд: ғизои якум ба миқдори 2 кг/0.01га дар давари қадди растаниҳо ба 10-20см баробар будан ва давъаи дуюм, вақте, ки ниҳолҳо 30-40 см қад кашида буданд, ба миқдори боз 2 кг/0.01га дода шуд.Дар давоми нашъу намои растаниҳо 4 маротиба об монда шуд. Ҳосилнокии лӯндаҳои топинамбур дар шароити ин деҳа ба 30 т/га ва массаи умумии растаниҳо (баргу поя, решав а лӯндаҳо) ба 70 тонна расид. Бояд ёдовар шуд, ки агарчанде, кишти топиамбур  нисбатан дер гузаронида шуда бошад ҳам вале, ҳосили дилхоҳи топинамбур ба даст оварда шуд.

Ҳамин тариқ дар натиҷаи парвариш намудани топинамбур дар шароити шаҳри Роғун деҳқонон нишон доданд, ки аз ин  зироат ҳосили баланди биомасса ба даст овардан мумкинаст, ки он метавонад ба сифат ғизои одамон ва хӯроки чорво хизмат намояд.



***Меҳмонон аз Европа бо мароми калон аз хӯрокиҳои аз лӯндаҳои топинамбур омода карда шуда (оши палав, манту, самбуса, салатҳои гуногун) истеъмол намуданд.***

## *Деҳаи «Дебистон». <u>Истехсоли ширинии тут.</u>*

Дар деҳаи «Дебистон» -и шаҳри Роғун ГТД- дар ҳайати як нафар мард ва 17 нафар занҳои деҳот ба пӯхтан ва тайёр намудани ширинии тут машғул мебошанд. Бояд қайд намуд, ки дар деҳаи «Дебистон» - и шаҳри Роғун дар баландии 1800 м аз сатҳи баҳр навъҳои гуногуни дарахтони тут парвариш меёбанд. Аз меваи тут сокинони деҳот ширинӣ тайёр менамоянд. Ин маводи ғизоӣ ва табобатӣ дар натиҷаи хеле дурру дароз ҷушонидани меваи тут тайёр карда мешавад. Ширинӣ барои табобати касалиҳои одамон аз шамолкашӣ, захми меъда, узвҳои ҳозима ва ғайраҳо истифода мегардад.

## *6.3. Ноҳияи Нуробод*

Бояд қайд намуд, ки дар ноҳияи Нуробод омӯзишу тавсифи донишҳои нодири мардумиро дар Гурӯҳи технологии деҳот (ГТД) дар деҳаҳои «Дараи валӣ», «Хоҷаи мурод» ва «Душохазамин» дар бахши кишоварзӣ омӯхта баромадем.

### *Деҳаи «Дараи валӣ». <u>Парвариш ва нигоҳдории боғи мевадиҳанда.</u>*

Дар деҳаи «Дараи валӣ» Гурӯҳи технологии деҳот дар мавзӯи «Парвариш ва нигоҳдории боғи мевадиҳанда» кор ва фаъолият менамояд. Дар ин гурӯҳ 6 нафар мард ва з нафар занҳои ин деҳа кор ва фаъолият менамоянд. Роҳбари ин гурӯҳ Ғоибов Ризоъидин мебошад. Ин ГТД ба парвариши ва нигоҳдории боғи мевадиҳанда сару кор доранд. Аъзоёни ин ГТД дар қитъаҳои замини дар ихтиёрашон буда, асосан ба парвариши дарахтони мевадиҳанда, аз қабили себ, нок, тут, чормағз, шафтолу ва дигар дарахтони мевадиҳанда машғул мебошанд. Асосан онҳо дар нигоҳдории навъҳои маҳалии



***Сӯҳбат бо деҳқонони ГТД-и деҳаи «Дараи валӣ», н. Нуробод***

дарахтони мевадиҳанда таҷрибаи кофӣ дошта, бо роҳи таъсис додани ниҳолхонаҳо навъҳои қадимаи бобогиро нигоҳ медоранд. Онҳо ниҳолхонаҳоро аз усули истифодабарии тухмҳо ва инчунин аз усули пайванд намудан истифода менамоянд. Яъне аз усулҳои анъанавии боғдорӣ онҳо бархурдор буда, бо ин васила ҳолати боғҳоро нағз нигоҳ дошта метавонанд. Таҷрибаи хуби нигоҳ доштани боғот дар кори доимии онҳо аз он оғоз мегардад, ки буридану шакл додани дарахтонро сари вақт гузаронида, ҳолати ҷавони ниҳолҳоро доимо зери назораташон нигоҳ медоранд. Вобаста аз умри ниҳолу дарахтон ба ҳар як дарахт 200-300 г нуриҳои минералӣ (аз намудҳои нуриҳои селитраи аммиакӣ, мочевина, нитроаммофос, аммофос, калий хлор) ва органикӣ (поруи пӯсида) ба ҳар як дарахт 5-8 кг дода мешавад. Ба муқобили касалиҳо ва ҳашаротҳо аз заҳрҳои зарурӣ сари вақт истифода бурда, обмонӣ, нарм намудани назди дарахтон ва яхобмониро дар фасли зимистон ба роҳ мемонанд. Аз ҳама муҳимашон аст, ки шохҳои хушкшудаи дарахтон сари вақт бурида мешаванд, ки ин аз паҳн



***Сӯҳбати муйсафедони таҷрибадор доир ба нигоҳдории гуногунии биологӣ дар деҳаи «Хоҷаи мурод»-и н. Нуробод.***

гаштани касалиҳо ва зараррасонҳо кӯмаки калон мерасонад. Ҳосилнокии боғҳо дар ин деҳа ба 8-10тонна аз як гектар мерасад. Чунин ҳосилнокии баланд барои оилаҳои деҳқонон фоидаи калони иқтисодӣ меорад.

***Деҳаи «Хоҷаи мурод». <u>Гуногунии биологӣ дар заминҳои нишеб.</u>***

Дар деҳаи «Хоҷаи мурод» Гурӯҳи технологии деҳа (ГТД) дар мавзӯи «Гуногунии биологӣ дар заминҳои нишеб» кор ва фаъолият менамояд. Дар ин ГТД 7 нафар мардон ва 3 нафар занҳои деҳот доир ба нигоҳдо-рии гуногунии биологӣ дар заминҳои нишеб корҳои амалиро ба ҷо меоранд. Дар ин ҷо асосан ба нигоҳдории гуногунии биологии растаниҳое, ки дар ин ҷо аз қадимулайём мерӯянд, ба монанди шибитак, чойкаҳак, чукрӣ, торон, пудинаи лалмӣ, юған, савсан, ҳар гуна алафҳои хӯроки чорво, қатраборон, юнучқа, себрга, шабдар, мунҷ, инчунин растаниҳои ғалладонагиҳо, аз қабили гандум, ҷав, ҷуворимакка, лубиёгиҳо, наск, нахуд, растаниҳои равғандеҳ, зағир, офтобпараст, кунҷит ва ғайраҳо банд мебошанд.

***Деҳаи «Душохазамин». <u>Парвариши боғ дар нишебӣ.</u>***

Дар деҳаи «Душохазамин» Гурӯҳи технологии деҳа (ГТД) дар мавзӯи «Парвариши боғ дар нишебӣ» кор ва фаъолият менамояд. Дар ин ГТД 6 нафар мардони деҳот доир ба парвариши боғ дар нишебӣ корҳои амалиро ба ҷо меоранд. Роҳбари ин гурӯҳ яке аз донишмандони аслии илми агрономия, ки чандин сол роҳбарии Ҳукумати ноҳияи Нурободро ба ӯҳда дошт ва ҳоло, ки нафақахӯр мебошад Мубораков Ғаюрбек Назарович мебошанд. Бояд

қайд намуд, ки деҳаи «Душохазамин» дар минтақаи кӯҳсори ноҳияи Нуробод ҷойгир гаштааст ва мавқеи ҷойгиршавии он барои ташкил намудани боғҳои мевадиҳанда, аз қабили боғҳои себ, нок, чормағз, тут ва дигар дарахтони мевадиҳанда хело қулай мебошад. Дар вақти вохӯриҳо бо аъзоёни ин ГТД ба мо маълум, гашт, ки мардуми ин деҳа аз қадимулайём ба боғдорӣ шавқу рақбати калон доранд. Яке аз чунин ташкилкунандагони боғҳои дарахтони мевадиҳанда бобои Ғаюрбек мебошад, ки вай дар майдони бештар аз 1.5 га дар нишебиҳои кӯҳҳо боғҳои себ, нок, зардолу ва чормғзро ташкил ва бунёд намудааст. Вай мегӯяд, ки боғдорӣ дар оянда дар шароити ноҳияи Нуробод имкониятҳои калон дошта, дар баланд гаштани иқтисодиёти хоҷагиҳо ва мардум дар оянда метавонанд кӯмаки калон расонад. Аз ин лиҳоз бояд ба васеъ ҷорӣ намудани ин таҷрибаи андухтаи халқ доир ба ташкил намудани боғот дар нишебиҳо аҳамияти ҳаматарафа дода шуда, он васеъ истифода гардад. Чунки чунин заминҳои дар нишебигиҳо ҷойгиршуда ниҳоят бисёранд.



***Сӯҳбати Каримов И.И. бо роҳбари ГТД-и «Душохазамин»-и ноҳияи Нуробод, Мубораков Ғаюрбек Назарович.***

## *6.4. Ноҳияи Рашт*

Дар ноҳияи Рашт омӯзишу тавсифи донишҳои нодири мардумиро дар Гурӯҳи технологии деҳот (ГТД) дар деҳаҳои «Ҳоит», «Шархо», «Бедак» ва «Шаҳри нав» дар бахшҳои гуногуни кишоварзӣ иҷро менамоянд.

***Деҳаи «Ҳоит». <u>Парвариши картошка бо лубиё.</u>***



***Сӯҳбат бо деҳқононе, ки кишти омехтаи картошка ва лубиёро истифода мебаранд, ГТД деҳаи Ҳоит, ноҳияи Рашт.***

Дар деҳаи «Ҳоит» Гурӯҳи технологии деҳот дар мавзӯи «Парвариши картошка бо лубиё» кор ва фаъолият менамояд. Дар ин гурӯҳ 10 нафар мардони ин деҳот аъзо мебошанд. Роҳбари ин гурӯҳ Хоҷаев Қаҳрамон мебошад. Ин ГТД ба парвариши ду зироат, яъне картошка ва лубиё, ки онҳо дар як вақт кишт карда мешаванд кор мебаранд. Ин ду зироат яъне картошка ва лубиё дар вақти нашъу намо ҳамдигарро халал нарасонида, баръакс як хел нашъу намо менамоянд. Дар вақти интихоби навъҳо бояд навъҳои пешпазаки лубиёгиҳо инти-

хоб гарданд. Аз сабаби оне, ки дар решаҳои лубиёгиҳо азотоактеринҳо зиндагӣ менамоянд, онҳо барои соли оянда дар хок як қисми нуриҳои нитрогениро низ захира менамоянд, ки ин ба ҳосилхезии хок таъсири мусбат менамояд. Дар натиҷаи кишти ин ду зироат самаранокии истифодаи аз як гектар хело зиёд мегардад. Деҳқонон дар сурати истифода бурдани ин усули кишти омехтаи картошка ва лубиё метавонанд, аз як гектар то 25-30 тонна картошка ва то 0.8 - 1,0 тонна дони лубиё ба даст оранд.

Бояд қайд намуд, ки кишти омехтаи картошка ва лубиё таъмини ғизои одамон ҳам хело аҳамияти калон дошта, барои таъмини озӯқаворӣ ва ҳифзи саломатӣ аҳамияти калон дошта, барои ба даст овардани фоидаи иқтисодӣ ба оилаҳои мардуми деҳот кӯмаки калон карда метавонад. Барои ба даст овардани ҳосили баланди ин ду навъи картошка ва лубиё ба замин андохтани 50-100 кг порӯи пӯсида ва 3-5 кг нуриҳои минералӣ дар майдони 0.01 га аҳамияти калон дорад. Дар давоми нашъу намои ин навъҳо метавон бо додани 6-8 маротиба обмонӣ ҳосили дилхоҳи ду зироатро ба даст овард. Инчунин кишти омехтаи навъҳои картошка ва лубиё ба ҳар гуна касалиҳои занбурӯғӣ ва бактериявӣ устувории картошка ва лубиёро зиёд намуда, ин таҷрибаи нодир дар оянда дар корҳои кишоварзӣ дар дигар минтақаҳо метавонад васеъ истифода гардад.

***Деҳаи «Шархо».*** ***<u>Мубориза бар зидди хашаротхои боғот бо истифода аз алафҳои табиӣ.</u>***

Дар деҳаи «Шархо» -и ноҳияи Рашт Гурӯҳи технологии деҳа дар мавзӯи «Мубориза бар зидди хашаротхои



***Сӯҳбат бо пирони таҷрибанок дар истифода намудани оби ҳаргуна алафҳо ба муқобили касалиҳо ва зараррасонҳои зироатҳои кишоварзӣ дар ГТД-и «Шархо», ноҳияи Рашт.***

боғот бо истифода аз алафҳои табиии» корҳои лои-ҳавиро иҷро менамоянд. Дра ГТД 10 нафар мардони ин деҳа дохил мешаванд. Онҳо дар таҷри-баи кори чанд-солаашон дар ҷа-раёни мубориза алайҳи касалиҳо ва зараррасон-ҳои дарахтону киштзорҳо бештар аз оби чанд алафи кӯҳӣ истифода мебаранд. Онҳо дар ин таҷрибаи нодирашон бештар аз чунин алафҳо, аз қабили зардакгул, талха, барги чормағз, алафи қалафуртак ва ғайраҳо истифода мебаранд. Барои ин онҳо баргу пояи ин растаниҳоро дар об тар карда, дар муддати якчанд рӯз дар ҷои соя нигоҳ медоранд. Баъд аз он оби турушударо аз дока полонда, ба воситаи дорупошакҳо ба дарахтон мепошанд. Ин оби растаниҳои гуногун ҳаргуна касалӣ ва зараррасонҳоро аз растаниҳо ва дарахтон нобуд месозад. Ин таҷрибаи ноди-

ри мардумӣ барои пешгирӣ намудани касалиҳо ва зараррасонҳо мусоидат намуда, барои ҳифзи муҳити зист низ кӯмак м ерасонад.

### *Деҳаи «Шаҳринав». <u>Сергизо гардонидани хуроки чорво.</u>*

Дар деҳаи «Шаҳринав» Гурӯҳи технологии деҳот дар мавзӯи «Сергизо гардонидани хуроки чорво» корҳои амалиро иҷро менамоянд. Дар ин гурӯҳ 14 нафар мардони ин деҳот аъзо мебошанд. Роҳбари ин гурӯҳ Салоҳов Унвониддин Маҳмадраҷабович мебошад. Ин ГТД дар кори серғизо гардонидани хӯроки чорво хело таҷрибаи бой андухтанд, ки ба васила ҳамасола даромади хуб ба даст меоранд. Таҷрибаи серғизо гардонидани хӯроки чорво аз тарафи ин ГТД аз он иборат мебошад, ки дар таркиби хӯрокаи чорво пеш аз ҳама алафҳои табии маҳалро, аз қабили юнучқа, қатраборон (эспарсет), себарга, инчунин алафҳои сершираи маҳал, сабус, пасмонади хӯрокиҳо, комбикормаҳо, майдаи донҳои ҷуворимакка ва дигар маводҳоро ба чорво мехӯронанд.

Инчунин аз донҳои растании ба оилаи лубиёгиҳо мансуб, ки онро дар маҳал ғомук меноманд, махсусан ба гусфандону бузҳо онро мехӯронанд, ки он вазнгирии чорворо кӯмак мерасонад. Инчунин мардуми ин деҳа, ки дар минтақаи хушманзари кӯҳӣ, ки аз алафу буттаҳои кӯҳӣ бой аст ва оби фаровон дорад, чорворо дар фасли баҳору тобистон ба минтақаҳои кӯҳӣ бурда, аз захираҳои табии деҳот пурра истифода бурда, вазнгирӣ ва маҳсулнокии шири чорворо хело самаранок истифода мебаранд. Соҳаи чорводорӣ дар кӯҳистон яке аз манбаҳои зарурӣ ва сердаромад ба шумор рафта, таҷрибаи бои ГТД – «Шаҳринав»

барои дар оянда афзун гардонидани маводи ғизоӣ ва бо ин васила беҳтар намудани сатҳи зиндагии мардуми деҳот кӯмаки калон мерасонад.

***Деҳаи «Бедак». <u>Пайванд гузаронӣ ва эҳёи навъҳои маҳаллӣ.</u>***

Дар деҳаи «Бедак» Гурӯҳи технологии деҳот дар мавзӯи «Пайванд гузаронӣ ва эҳёи навъҳои маҳаллӣ» корҳои амалиро иҷро менамоянд.



***Сӯҳбат бо яке аз донишман-дони ҷавон дар бахши пайванд гузаронӣ аз деҳаи «Бедак» Гирдаков Фатҳудин Тоштемурович, ноҳияи Рашт.***

Дар ин гурӯҳ 10 нафар мардони ин деҳот аъзо мебошанд. Роҳбари ин гурӯҳ Гирдаков Фатҳудин Тоштемурович, мебошад. Ин ГТД дар кори ташкил намудани ниҳолхонаҳо



***Сӯҳбат бо донишмандони таҷри-банок дар бахши боғдории ГТД – деҳаи «Бедак», ноҳияи Рашт.***

ва бунёди боғҳои навъҳои маҳалии дарахтони себ, нок, чормағз, тут, ангур ва дигар мевагиҳо хело таҷрибаи бой доранд. Донишманону хирадмандони бахши боғдорӣ дар деҳаи «Бедак» хело бисёранд ва онҳо аз парваришу бунёди боғҳои дарахтони мевадиҳанда ҳар сол даромади хуб ба даст меорад. Яке аз усулҳои қадимаи нигоҳ доштани навъҳои маҳалии дарахтони мевадиҳанда ин гузаронидани пайванд мебошад. Дар байни донишмандони халқӣ асосан чунин намудҳои пайвандгузарониро мардум медонанд: кӯндапайванд, навдапайванд, мӯғчапайванд, баргпайванд, исканапайванд ва ғайраҳо. Дар авали фасли баҳор одатан усулҳои кӯндапайванд истифода мегардад, аммо дар фасли тобистон бошад, усулҳои мӯғчапайванд бештар истифода бурда мешавад. Бо роҳи истифода намудани усулҳои гуногуни пайвандгузаронӣ деҳқонони таҷ-рибанок навъҳои гуно-гуни дарахтони мевадиҳандаро ба ҳам пай-

ванд намуда, метавонанд, ки дар танаи як дарахт чандин навъ-ҳоро пайванд намоянд.

Ҳамин тариқ, усули пайвандгузаронӣ яке аз роҳҳои



***Мутахассисони Барномаи омӯзиши донишҳои мардумӣ Каримов И.И.(аз чап) ва Сафолов М.С. (аз рост) дар вақти таҳлили натиҷаҳои ба даст омада, ш. Ғарм, ноҳияи Рашт***

қадимаи нигоҳдорӣ ва афзоиш додани навъҳои гуногуни дарахтону буттагиҳо дар таҷрибаи кишоварзон васеъ паҳн гаштааст ва бо ёрии ин усули бобогӣ навъҳои маҳалӣ нигоҳ дошта мешаванд.

Дар ин деҳа инчунин донишманди донишҳои қадима доир ба табобат намудани одамон бо алафҳои табиӣ Андалибов Ғайратшо умр ба сар мебарад, вай ҳама сола даҳҳо растаниҳои табобатиро ҷамъоварӣ намуда, одамонро табобат менамояд.



***Андалеб Ғайратов донишманди аз растаниҳои кӯҳӣ тайёр намудани доруворихоии зарурӣ, аз деҳаи Бедаки ноҳияи Рашт***

Дар ноҳияи Рашт мардум аз қадимулайём зироатҳои кишоварзиро парвариш намуда, таҷрибаи қадимаи нигоҳ доштани анъ-анаву таҷрибаҳои суннатӣ мебошанд. Инчунин вай тавсия доданд, ки бо калонсолон дар чойхонаҳо ва саҳ-роҳо вохӯриҳо гузаронида, оиди донишҳои мардумӣ ва гуногунии био-логии ин маҳалҳо сӯҳбатҳо ташкил намоед. Роҳбарияти ҳукумати ноҳияи Рашт доир ба гузаронидани чунин тадқиқотҳо оиди анъанаҳои мардумӣ дар байни мардуми ноҳия, гуногунии биологии маҳал  хело ҳавасманд буда, омода ҳаст, ки дар ин кор кӯмак ва ҳамкорӣ намояд.

***Деҳаи «Ҳоит»***

Яке аз ҷойҳои қадимаи водии Рашт доир ба макони зироатчигӣ ва рушди донишҳои мардумӣ деҳаи Ҳоит ба шумор меравад. Дар ин деҳа бештар аз 305 оила зиндагӣ менамоянд. Мо дар ин ҷо бо коргарони ҷамоати деҳот



***Навъҳои гуногуни каду, деҳаи Ҳоит***

Иброҳимов Аҳлиддини  47 сола, ҷонишини вай Сангаков Нуралишои 52 сола, деҳқонон Абдулоев Ҷумабеки 51 сола, деҳқони кӯҳансол Шамсиддинов Садриддини 87 сола сӯҳбат намудем. Дар натиҷаи ин сӯҳбатҳо мо муайян намудем, ки мардуми ин деҳа аз навъҳои қадимаи себ «Шафеӣ» (ранги меваaш сафед), «Шоҳисеб», «Самарқандӣ» ( меваaш дар вақти пӯхтан камее мекафад), «Тирамоҳӣ», «Ордак», «Кулчасеб» («Боғулма»), «Турушак», «Сафедак», навъҳои зардолу «Сафедак», «Ханона»,

«Сурхак», «Ҷулдонахӯрак» ( бо ду мағз дар донакҳояш), аз навъҳои чормағз «Қоқатак», «Ҳамелӣ», «Кӯрак», «Лафкачормағз» (мевааш калон), аз навъҳои ток «Ҳусейнӣ», «Обак», «Сиёҳангур», «Тойфӣ», «Сафедангур», аз навъҳои шафтолу « Сафедак», «Сурхак», «Лучак», навъҳои тут «Сурхтут», «Сафедтут», «Сиёҳтут», «Балхӣ», «Бедона», «Шоҳтут», «Алатут», навъҳои нок «Сафедмуруд», «Сиёҳмуруд», «Ношпотӣ», «Нок», «Хафмуруд», «Анджирак», аз навъҳои гандум «Сурхак», «Сафедак», «Бурхуша», навъҳои каду Шӯрбокаду», «Тагиаловкаду», «Ширкаду», «Обкаду», «Носкаду», навъҳои ҷав «Сафедак», «Кабутак», навъҳои боқле «Сиёҳ», «Сафед», навъҳои лубиё «Сиёҳ», «Сафед», «Зард», «Алло»-ро парвариш намуда, нигоҳ доштаанд.



***Деҳқони таҷрибанок Садриддин Шамсиддинов дар ҷуво-римакказор, деҳаи Ҳоит***

Дар ин ҷо мо инчунин дар бораи яке аз навъҳои маҳалии

хӯроки чорво, ки мардум онро «Ғомук» меноманд ва дони он баро чорво бисёр хӯроки ғизонок ба шумор меравад маълумот гирифтем.

Мо инчуни дар и ҷамоати деҳот бо деҳқонони таҷрибанок  Иброхимов Саиджони 82 сола, Сандалов Ҷалоли 75 сола, Асадуллоев Ибодуллои 51 сола, Раҷабов Идибеки 55 сола, Ҷумаев Аҳмад-беки 70 сола, Ҳомидов Бураки 75 сола, Аҳмедов Махмуди 80 сола, Маҳмадов Ҳасани 92 сола, Давлатов Қаландари 82 сола ва устоҳои деҳа оид ба тарошида тайёр намудани аспобҳои мардумии «Юғу сипор» ва қошуқу табақи чӯбин Сандалов Джалоли 65 сола, Аҳмадов Маҳмуди  80 сола, табибони мардумӣ Исроилов Ҳанифи 75 сола, Давлатов Саидбеки 52 сола сӯҳбатҳои муфид анҷом додем.

Дар ин ҷамоати деҳот ҳоло 10 – то осёбҳои обӣ ва ҷувозҳои равғанкашӣ бо ёрии аспҳо ва буқаговҳо кор мекунанд.

### *Деҳаи «Шинглич»*

Ба ин деҳа сафар намудем, ки вай дар баландии 1800 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир шудааст. Ин деҳа ки дар охири мавзей Ясман ҷойгир аст дар он ҷо бештар аз 15 оила умр ба сар мебаранд.  Мо бо сокинони ин деҳаи дурр вохӯрӣ гузаронидем. Вохӯрии аввалин бо кӯҳансоли деҳа Абдуллоев Асадуллои 75 сола буд ва он кас ба мо фаҳмонданд, ки дар ихтиёри сокинони деҳа аз навъҳои қадимаи себ «Рахш», «Маликӣ», «Паткинамош» (ҳамагӣ ду дарахт монадааст), ки онҳо меваҳои боллазату ширин дошта, ба касалиҳо тобовар мебошанд. Дар меваи навъи «Паткинамош» дар вақти пӯхтан дар дилаи меваҳо хатҳои ранги сурх дида мешавад. Дар асоси нақли вай пеш роҳ ба тарафи води Фарғона аз ҳами ҷой мегузаштааст ва бинобар ин

мумкин биёре аз навъҳои себ аз минтақаҳои гуногуни Осиёи Марказӣ ба ин ҷо оварда шуда бошанд. Ин навъҳои бо мурури замон ба шароити ин ҷойҳо мутобиқ гашта, ба дигар ҷойҳо парешон гаштаанд. Дар ин деҳа мо чунин навъҳои тутро дидем «Шоҳтут», «Балхӣ», «Сафедтут», «Бедона» ва ғайраҳо, навъҳои зардолу «Қандак», «Сафедак», навъҳои чормағз «Ҳамелӣ», «Калонмева», инчуни навъҳои дарахтони кӯҳии гелос,олуча, ангат ва ғайра.

Дар ин деҳа ҳоло се осёби обӣ нағз кор мекунанд, ҳамчун захираи маҳалии камсарфи истеҳсолотӣ, фоидаовар барои экология ва муҳити зист, ки ин дар ҳолати тағирёбии глобалии иқлим хело муҳим аст. Умуман сокинони ин деҳа навъҳои маҳалии мевагиҳоро дар боғпарварӣ нигоҳ дошта, ба чорвопарварӣ, ба занбурпарварӣ ва дигар намудҳои кишоварзиро пеш бурда, бе истифода барии нуриҳои маъданӣ ва заҳрҳои химиявӣ истеҳсолотро пеш мебаранд.

## *Дараи Камароб*

Дар води Рашт ин дара яке аз мавзеҳои хушманзара ва сероб ба ҳисоб меравад. Ба марази дара дарёи «Сорбоғ» мегузарад. Ин мавзе бо доштани навъҳои қадимаи мевагиҳо, ғалладонагиҳо ва алафҳои кӯҳии табобатиаш овоза дор гаштааст. Дар вақти сафар мо як қисм маълумотҳоро оиди ин мавзе ба даст овардем. Мувофиқи маълумотҳои ба даст омада ҳудуди ин дара 12450 гектар мебошад. Чарогоҳҳо бештар аз 6610 га, заминҳои обӣ  670 га – ро ташкил менамоянд. Дар ин ҷо картошка дар майдони бештар аз 187 га кишт гашта, боғҳо  27 га- ро ташкил медиҳанд .Дар ин мавзе мардум бештар аз 4500 оилаи занбурро нигоҳ медоранд. Дар ин ҷамоати деҳот 21 деҳа

мавҷуд буда, миқдори аҳолӣ 12400 одамро ташкил менамояд. Картошкапарварӣ, боғдорӣ, чорводорӣ саҳаҳои асосии истеҳсолоти ин мавзеи кӯҳӣ ба шумор меравaнд.

Мо ба деҳаи охирони ин дара деҳаи Каврак, ки дар он ҷо 30 оила умр ба сар мебаранд дар фасли тирамоҳ сафар намудем. Дар он ҷо мо бо деҳқонони ин деҳа Абдусамадов Додарҷон, Ятимов Давлатшо, Абдуллоев Сайдулло, Сулаймонов Муминҷон, Ятимов Иноятшо, Шоҳидов Идибек ва дигарон вохӯрӣ гузаронидем. Онҳо аз таҷрибаи хеш оиди нигоҳ доштани навъҳои маҳалии себ, зардолу, чормағз, тут, нок ва дигар мевагиҳо маълумот доданд. Дар ин деҳа навъҳои себ «Шоҳисеб», «Тирамоҳӣ», «Турушак», «Маликӣ», «Сафедак», навъҳои зардолу «Қандак», «Сафедак», «Сурхак», навъҳои чормағз «Қоқатак», «Ҳамелӣ», «Кӯрак», навъҳои шафтолу «Сафедак», «Сурхак», навъҳои тут «Сурхтут», «Сафедтут», «Бедона», «Шоҳтут», навъҳои нок «Сафедмуруд», «Ношпотӣ» ва «Анҷирак» парвариш ва нигоҳ дошта мешаванд.

Дар деҳаи Деҳи Хуҷаалӣ мо бо деҳқон Сафаралиева Динорвӣ, дар деҳаи Варзигун - Файёзов Акрамбой вохӯрдем ва онҳо ба мо нақл намуданд, ки он навъҳои себ, зардолу, чормағз, тут, шафтолу ва дигар мевагиҳое ки дар водӣ нигоҳ дошта шудаанд, дар деҳаҳои онҳо низ вомехӯранд.

## *Деҳаи «Поҷеи поён»*

Дар дараи Камароб деҳаи Поҷеи поён яке аз деҳаҳои қадима ва калон ба шумор меравад. Дар он ҷо бештар аз 100 оила умр ба сар мебаранд. Деҳа дар қисми поёнии дараи Камароб ҷойгир мебошад ва аҳолии ин деҳа асосан ба боғдорӣ ва чорводорӣ банд мебошанд.

Дар ин деҳа мо бо деҳқонон Маҳмадшоев Ғайратшо, Шоев Раҳматшо, Бураков Айниддин ва инчунин аз деҳаи Шулмак Ғаффоров Тӯйчӣ, Сайҷамолов Шодмон, Исмоилов Ғолиб, Розиқов Шоҳид, Кенҷаев Маҳмадризо, Сафаров Умед вохӯрдем ва онҳо ба мо дар бораи навъҳои маҳалие, ки ҳоло мардум онҳоро парвариш менамоянд маълумот доданд.

***<u>Аз таҷрибаи пайванди нок дар дарахти дула ва буттахори кӯҳӣ</u>***

Ғайратшо Маҳмадшоев – сокини деҳаи «Поҷеи поён»-и ноҳияи Рашт мегӯяд,ки «ман ин таҷрибаро худам санҷидам ва ба ман муяссар гашт, ки дарахти тухмакдори ноки маҳалиро дар дарахти дулона бо истифодабарии намуди пайвандкунии исканапайванд гузаронам. Ин таҷрибаро ман барои он гузаронидам, то он ки бинам, ки чи тавр намудҳои гуногуни тухмакдорон пайванд карда мешаванд. Инчунин ман нокро ба дарахти ҷангалии хор пайванд намудам. Мақсади ман дар ин таҷрибаҳоям ин баланд бардоштани тобоварии дарахти нокро ба хушксолӣ мутобиқат сохтан мебошад. Чунки такпайййвандоне, ки ман истифода бурдам, ба хушксолӣ хеле устуворанд. Дарахтони пайвандии ман ҳоло хуб нашъу намо доранд».

Дар ин деҳаҳо навъҳои маҳалии себ «Маликӣ», «Шафеӣ», «Шоҳинсеб», «Пахтасеб», «Тирамоҳӣ», «Сафаракӣ», «Кулчасеб», «Турушак»; навъҳои зардолу «Сафедак», «Моҳтобӣ», «Сурхак»; навъҳои чормағз «Қоқатак», «Ҳамелӣ», «Кӯрак», «Дарозак» (мевааш дароз); навъҳои ток «Ҳусейнӣ», «Лаълӣ», «Сиёҳангур», «Тойфӣ», «Сафедангур»; навъҳои шафтолу «Сафедак», «Сурхак»; навъҳои тут «Сурхтут», «Сафедтут», «Сиёҳтут»,

«Бедона», «Шоҳтут»; навъҳои нок «Сафедмуруд», «Сиёҳмуруд», «Ношпотӣ», «Нок», «Анҷирак»; навъҳои гандум «Сурхак», «Сафедак»; навъҳои лубиё «Сиёҳ», «Сафед», «Зард», «Алло»; навъҳои каду «Зардкаду», «Тагиаловкаду», «Ширкаду»- ро мардум парвариш намуда, нигоҳ медоранд.

### *Дараи «Тагоба»*

Ба ин мвзе мо сафар намудем ва дар он ҷо ба деҳқонон ин дараи Тагоба, дар деҳаи Хилмонӣ» Назриев Муминҷони 60 сола, Назриев Ҳокими 65 сола, Нарзуллоев Нуруллои 63 сола, Холов Ғуломи 57 сола, Назриев Ҳокими 68 сола; дар деҳаи Порвоғ бо деҳқонон Соибов Аминҷони 70 сола, Ризоев Муртазои 57 сола, Заробов Раҳматуллои 56 сола; дар деҳаи Хиштирок бо деҳқони асил ва собиқ роҳбари ноҳия Бобоҷонов Орифҷони 70 сола, Набиев Обдиҷони 68 сола, Қодиров Абдуқаҳори 55 сола, Хайров Соҳибназари 63 сола ва дигарон вохӯриҳо ва сӯҳбатҳо гузаронидем. Дар асоси ин маълумотҳо маълум шуд, ки дар дараи Тагоба сокинони деҳаҳо навъҳои себ -



***Занбӯрпарвари моҳири ноҳия Рашт Ёфтулло Мирзоев***

«Шоҳинсеб», «Пахтасеб», «Чилагӣ», «Тирамоҳӣ» «Маликӣ», «Шафеӣ», «Кулчасеб», «Тӯрушак», «Сурхсеб»; аз навъҳои зардолу - «Сурхак», «Сафедак», «Моҳтобӣ», «Фалғарӣ»; аз навъҳои чормағз - «Ҳамелӣ», «Қоқатак», «Кӯрак»; аз навъҳои ток - «Лаълигӣ», «Хамирак», «Ҳусейнӣ», «Сиёҳангур», «Тойфӣ», «Сафедангур»; аз навъҳои шафтолу – « Сафедак», «Бепашмак», «Сурхак»; аз навъҳои тут – «Сафедтут», «Сурхтут», «Сиёҳтут», «Бедона», «Шоҳтут», аз навъҳои нок - «Сафедмуруд», «Сиёмуруд», «Ношпотӣ», «Нок», «Хасакӣ», «Анҷирак»; аз навъҳои гандум «Сурхак», «Сафедак»; аз навъҳои боқле – «Сиёҳ», «Сафед»,лубиё – «Сиёҳ», «Сафед», «Зард»; аз навъҳои каду - «Ширкаду», «Зардкаду», «Тагиаловкаду» дар ҳавлиҳои мардум парвариш меёбанд. Инчунин дар ин мавзе навъҳои маҳалии олу, ангат, дулона, санҷид, бутахор (шиповники) ва ғайраҳо парвариш карда мешаванд.
Дар ин дара инчунин деҳқонон ба равнақу ривоҷ додани занбурпарварӣ машғул мебошанд ва аз ин корҳо даромади хуб ба даст меоранд. Дар байни занбӯрпарварон махсусан собиқ омӯзгори мактаби миёна ва ҳоло нафақахӯр ва занбурпарвари моҳир Ёфтулло Мирзоев дар кори тараққӣ додани занбӯрпарварӣ дар ноҳия саҳми калон гузоштааст.

## *Деҳаи «Ҷафр»*

## ***<u>Аз таҷрибаи нигоҳдории навъҳои дарахтони мевадиҳанда ва ташкили музей дар деҳот</u>***

Дар деҳаи «Ҷафр»-и ноҳияи Рашт олим - деҳқони асили деҳотӣ Мирзошо Акобиров иқомат намуда, ба ҷаъмоварӣ ва афзун намудани дарахтони мевадиҳанда солҳои тулонӣ боз машғул мебошад. «Ман зиёда аз 20 сол аст, ки ба ҷамъоварӣ ва нигоҳ доштани чизҳои қадимаи

таърихии раштонзамин низ банд мебошам. Ҳоло дар хонаам як музейро таъсис додам, ки дар он ҷо зиёда аз 20 номгӯйи чизҳои қадимаи водиро ҷамъ оварда нигоҳ медорам. Инчунин ман бо фарзандонам дар ин ҷо боғи модарии беш аз 20 навъҳои маҳалии себ, 5 навъи нок, 3 навъи чормағз ва дигар навъҳои дарахтони мевадиҳандаву сояафканро парвариш менамоям. Дар ин қитъаи боғи мадории дарахтони мевадиҳанда, ман намудҳои гуногуни пайванкуниро гузаронида, кушиш менамоям, ки навъҳои нодирро парвариш намуда, афзун намоям».

Дар деҳаи «Ҷафр» бештар аз 400 оила умр ба сар мебаранд. Махсусан ин деҳа бо гуногунии навъу намудҳои чормағзаш аз дигар деҳаҳои ноҳия фарқ менамояд. Шароити релефи ин деҳа ҳамчун шароити хуб барои гузаштани ҷуфтшавии табии намуду навъҳои гуногуни чормағз хело мувофиқат менамояд. Махсусан оби софу зулоли чашмаҳои деҳа, табиати сабзу хуррам ва иқлими салқини деҳа ба ин мусоидат менамоянд. Дар он ҷо чунин навъҳои маҳалии чормағз, аз қабили «Ҳамелӣ», «Кӯракӣ», «Қоқатак», «Бобоӣ», «Пусттунук» ва гайраҳо парвариш меёбанд. Дар ин деҳа инчунин навъҳои маҳалии себ - «Маликисеб». «Пахтасеб», «Қомбасеб», «Шоҳинсеб», «Чилагӣ», «Зағорасеб», «Тӯрушак», «Хубонӣ»; аз навъҳои зардолу «Моҳтобӣ», «Қандак», «Сафедак», «Фалғарӣ», «Зардакӣ», «Дудона» ва ғайраҳо; аз навъҳои ток «Ҳусейнӣ», «Лаълӣ», «Сиёҳангур», «Тойфӣ», «Сафедангур»; аз навъҳои шафтолу «Сафедак», «Сурхаки маҳалӣ»; аз навъҳои тут «Сурхтут», «Сафедтут», «Сиёҳтут», «Бедона», «Шоҳтут»; аз навъҳои нок «Сафедмуруд», «Ношпотӣ», «Нок», «Анҷирак»; аз навъҳои гандум «Сурхак», «Сафедак»; аз навъҳои боқле «Сиёҳ», «Сафед», лу-

биё «Сиёҳ», «Сафед», «Алло»; аз навъҳои каду «Зардкаду», «Ширкаду», «Тагиаловкаду»-ро то кунун нигоҳ доштанд ва парвариш менамоянд. Дар ин деҳа мо бо олим – боғпарвари номии водии Рашт Мирзошо Акобиров вохӯрӣ доштем ва он кас ба мо дар бораи таъсис додани музейи маҳаллӣ аз аспобу анҷоми мардуми қадим дар ин диёр, инчунин ташкил намудани боғи коллексионии дарахтони мевадиҳанда дар қитъаи замини хоҷагии деҳқониаш ва дар он ҷо ҷамъ овардани навъҳои гуногуни мевагиҳоро ба мо нақл намуданд.

***Ҷамоати деҳоти ба номи Нусратулло Махсум***

Ин ҷамоати деҳот яке аз калонтарин ҷамоатҳо дар ҳудуди ноҳияи Рашт ба шумор меравад. Дар ин ҷамоати деҳот деҳаҳои қадимаи Шул, Қазноқ, Чашмаи Кузӣ, Ғовосиён, Вардуч, Машконак, Качамандӣ, Қизроқ, Қаролуқ, Лойоба ҷойгиранд. Мардуми ин деҳот аз давраҳои қадим бо боғдорӣ, ғаллакорӣ ва чорвод-
рии хеш машҳур буданд.

Мо ба ин ҷамоати деҳот сафар намуда бо деҳқонон ва донишмандони анъанаҳои мардумӣ ва калонсолон: Усмонов Давлат, Додарбеков Бегиҷон, Маллаев Каримҷон, Ҷумаҳмадов

Хушвақт, Саймуддинов Қутбиддин, Шеров Мирзовалӣ, Саймуҳиддинов Маҳмадсолеҳ, Умаров Саидҷон, Эшонов Диловаршо, Пиров Маъруф, Ҷононов Саид, Ризоев Сияршо, Ҳасанов Азамҷон, Салимов Партовалӣ, Абдулов Абдулвосеъ, Раҷабов Махсум, Азизов Муқим, Сироҷов Аврод, Раҳимов Абдулмаҷид, Додов Ҷуъмабой, Сайёдов Давлатхуҷа, Раҳимов Ҳаит, Ҷамолов Шоҳин, Ҳиматов Ёқуб, Ҳимтов Юсуф, Сайёдов

Мирмаҳмад, Абдулов Илҳом, Маҳмадиев Ҷураҷон, Салимов Шералӣ ва дигарон вохӯрӣ ва сӯҳбатҳо гузаронидем.

Чи тавре ки аз сӯҳбатҳо маълум гашт дар ҳудуди деҳаҳои ҷамоати деҳоти мазкур навъҳои маҳалии себ - «Маликӣ», «Сафедсеб», «Шоҳинсеб», «Сафаракӣ», «Тӯрушак», «Пахтасеб»; аз навъҳои зардолу «Сафедак», «Сурхак», «Қандак», «Моҳтобӣ», «Фалғарӣ»; аз навъҳои чормағз – «Қоқатак», «Ҳамелӣ», «Кӯрак», «Қомба»; аз навъҳои ток – «Ҳусейнӣ», «Сиёҳангур», «Тойфӣ», «Сафедангур», «Хамирак»; аз навъҳои шафтолу – «Сафедак», «Сурхак», «Лучак», «Гирдак»; аз навъҳои тут – «Сурхтут», «Сафедтут, «Сиёҳтут», «Балхӣ», «Бедона», «Шоҳтут», «Марворӣ», «Алатут», «Искандарӣ»; аз навъҳои нок – «Сафедмуруд», «Ношпотӣ», «Нок», «Хафмуруд», «Анҷирак»; аз навъҳои гандум – «Сурхак», «Сафедак»; аз навъҳои боқле – «Сиёҳ», «Сафед»; аз навъҳои лубиё – «Сиёҳ», «Сафед», «Зард», «Алло»; аз навъҳои каду – «Чӯбкаду», «Ширкаду», «Иродӣ» дар ҳавлиҳои мардум кишту кор гашта, то ҳоло онҳо нигоҳ дошта шудаанд.

### *6.5. Ноҳияи Тоҷикобод*

Дар ноҳияи Тоҷикобод омӯзишу тавсифи донишҳои нодири мардумиро дар Гурӯҳи технологии деҳот (ГТД) дар деҳаҳои «Ганишоб», «Куглик» ва «Дараи мазори боло» дар бахшҳои гуногуни кишоварзӣ иҷро менамоянд.

### *Деҳаи «Куглик».*
### ***<u>Технологияи пешгирии кучиши хок дар заминхои нишеб.</u>***

Дар деҳаи «Ҳоит» Гурӯҳи технологии деҳот дар мавзӯи «Технологияи пешгирии кучиши хок дар заминхои нишеб» кор ва фаъолият менамояд. Дар ин гурӯҳ 5 нафар

мардони ин деҳот аъзо мебошанд. Роҳ-бари ин гурӯҳ Раҳматуллоев Саид-ҷамол мебошад. Ин ГТД дар мавзӯи пешгирӣ намудани кучиши хок кор мебаранд. Дар вақти интихоби чунин заминҳои кишоварзӣ, ки дар нишебеҳои кӯҳҳо ҷойгир гаштаанд аъзоёни ГТД ба интихоби дарахтону буттаҳое, ки дар ин мавзеҳо мерӯянд диққати калон медиҳанд.



***Сӯҳбат бо деҳқонони деҳаи «Куглик» доир ба пегирӣ намудани кучиши хок дар нишебиҳо, Тоҷикобод.***

Аз сабаби оне, ки дар ин мавзеҳо аз таъсири боришот хокҳои чунин заминҳо осебпазиранд, шинондани дарахтони мевадиҳанда, ҷангалӣ, буттаҳо, инчунин зироатҳои хӯроки чорво, аз қабили юнучқа, қатраборон (эспарсет), топинамбур, шабдар ва дигар зироатҳое, ки решаҳои боқувват доранд ва решаи онҳо дар хок чуқур меравад истифода мебаранд. Деҳқонон дар сурати истифода бурдани

чунин дарахтону буттаҳо лахжиши хокро нигоҳ дошта, эрозияи заминҳоро хело кам мегардонанд, ки ин боиси ҳифзи заминҳои кишоварзӣ мегардад. Бояд қайд намуд, ки парвариши чунин боғҳо дар нишебиҳо низ барои ҳифзи замин ва таъмини ғизои одамон ҳам хело аҳамияти калон дошта, барои таъмини озуқаворӣ ва ҳифзи муҳити зист аҳамияти калон дошта, барои ба даст овардани фоидаи иқтисодӣ ба оилаҳои мардуми деҳот кӯмаки калон карда метавонад. Ин таҷрибаи нодири ГТД дар оянда дар корҳои кшоварзӣ ва баланд бардоштани самаранокии заминҳои нишебиҳо ва минтақаҳои дигари кӯҳӣ метавонад мавриди истифода қарор гирад ва кӯмак расонад.

***Деҳаи «Ганишоб». <u>Парвариши картошка бо шарбати пору.</u>***



***Сӯҳбат бо пирони таҷрибаноки деҳаи «Ганишоб», оиди истифодаи шарбати пору дар картошказор, Тоҷикобод, апрели соли 2016.***

Дар деҳаи «Ганишоб» -и ноҳияи Тоҷикобод Гурӯҳи техно логии деҳа дар мавзӯи «Парвариши картошка бо

шарбати пору» корҳои лоиҳавиро иҷро менамоянд. Дра ГТД 10 нафар мардони ин деҳа дохил мешаванд, ки роҳбари онҳо Маҳмадов Илҳо-муддин мебошад. Онҳо дар таҷри-баи кори чандсо-лаашон дар ҷара-ёни парвариши картошка бо истифодабарии шар-бати пору истифода ме-баранд. Онҳо дар ин таҷрибаи анъанавиашон бештар аз ҳал намудани поруи чорво дар аввали ҷӯйякҳо кандани хандақи махсус (ҳаҷмаш ихитиёран интихоб мегардад) ва онро бо об маҳлул намуда, баъди нишасти офтоб шабона ба картошказор сар медиҳанд. Чунин усули истифодаи поруҳои пӯсида ва гузаронидани обмонӣ бо шарбати пору имконияти ба даст овардани ҳосили баланди картошка ва дигар зироатҳоро кӯмак мерасонад. Барои ин онҳо инчу-нин баргу пояи ин растаниҳоро дар якҷоягӣ бо поруи пӯсида дар об тар карда, дар муддати якчанд рӯз дар да-руни хандақҳои канда шуда нигоҳ медоранд. Баъд аз он оби шарбат гаштаи поруро ба ҷӯйякҳои картошка бо об равон менамоянд. Ин таҷрибаи мардумӣ барои ғизонок гаштани замин ва баланд гаштани ҳосилнокии картошка ва дигар зироатҳои кишоварзӣ мусоидат менамояд, барои ҳифзи замин ва ҳосилхезии он низ кӯмак мерасонад.

## ***Деҳаи «Дараи мазори боло».***

## ***<u>Парвариши боғ дар заминхои ғайри кишоварзӣ.</u>***

Дар деҳаи «Дараи мазори боло» Гурӯҳи технологии деҳот дар мавзӯи «Парвариши боғ дар заминхои ғайри кишоварзӣ» корҳои амалиро иҷро менамоянд. Дар ин гурӯҳ 5 нафар мардони ин деҳот аъзо мебошанд. Роҳбари ин гурӯҳ Маҳмадов Мустафо мебошад. Ин ГТД оиди ис-тифодаи заминҳои ғайри кишоварзӣ дар бунёди боғҳои

мевадиҳанда ко рва фаъолият менамоянд. Бояд қайд намуд, ки дар шароити ноҳияи Тоҷикобод чунин заминҳои ғайрикишоварзӣ дар талу теппаҳо хело бисёранд. Дар чунин заминҳои ташкил намудани боғҳои дарахтони мевадиҳанда, аз қабили себ, нок, ношпотӣ, тут, чормағз ва ғайраҳо мувофиқи нишондодҳои Ҳукумати ноҳия ва Ҷумҳурӣ ба шумор меравад. Чунин таҷрибаи бой андухта шуда дар шароити ин деҳа аз тарафи ГТД хело ҳам иқдоми дар оянда баланд бардоштани меваҷот ва пешгирӣ намудани заминҳо аз эрозия ба шумор меравад.



Соҳаи боғдорӣ дар кӯҳистон яке аз манбаҳои зарурӣ ва сердаромад ба шумор рафта, таҷрибаи бои ГТД – «Дараи мазори боло» барои дар оянда афзун гардонидани маводи ғизоӣ ва бо ин васила беҳтар намудани сатҳи зиндагии мардуми деҳот кӯмаки калон хоҳад расонид.

Ҳамин тариқ аз истифоаи заминҳои санглоху ғайри кишоварӣ баҳри ташкил намудани боғот дар оянда аҳамияти клони иқтисодиро таъмин менамояд ва ин таҷрибаи мардумӣ, ки дар деҳаи «Дараи мазори боло»- и ноҳияи Тоҷикобод ба даст оварда шудааст, метавонад дар дигар манотиқи кӯҳистон васеъ истифода гардад.

### *6.6.Ноҳияи Лахш*

Ин ноҳия дар қисми шарқии мамлакат дар водии Рашт ҷойгир шудааст. Ин ноҳия бо вилояти Оши Ҷумҳурии Қирғизистон ҳамсарҳад мебошад ва дар он ҷо қирғизҳо ва тоҷикон аз давраҳои қадим дӯстона дар якҷоягӣ умр ба сар мебаранд.

#### *Деҳаи «Пилдон»*

Дар ин деҳа бештар аз 263 оила умр ба сар мебаранд. Дар ин ҷо мо ба Раиси ҷамоати деҳоти Пилдон Абдулхайров Мазорӣ – 55 сола, Шейхов Аюбҷон – 31 сола, Одинаев Қодирбек – 53 сола, Сафаров Мирзошо – 40 сола ва дигарон вохӯрӣ гузаронидем. Дар натиҷаи ин вохӯриҳо ба мо маълум гашт, дар ҳудуди ноҳия ва ҷамоати деҳоти «Пилдон» аз даврaҳои қадим навъ-ҳои маҳалии мевагиҳо нигоҳ дошта мешавад. Дар ҳудуди ноҳия аз навъҳои маҳалии қадимаи себ «Шафеӣ», «Пайвандак», «Шолангарӣ», «Пахтасеб», «Тирамоҳӣ», «Ҳайдарӣ», «Латтасеб», «Боғулма», «Ҳавлояк», «Пешпазак», «Тӯрушак»; аз навъҳои зардолу – «Қандак», «Сафедак», «Бодомак» (50% донаҳояш ду мағза мебошанд); аз навъҳои чормағз – «Қоқатак», «Ҳамелӣ», «Кӯрак»; аз навъҳои ток – «Ҳусейнӣ», «Ҷафс», «Тойфӣ»; аз

навъҳои шафтолу – «Сафедак», «Сурхак», «Лучак»; аз навъҳои тут – «Сурхтут», «Сафедтут», «Сиёҳтут, «Балхӣ», «Бедона», «Шоҳтут, «Алатут»; аз навъҳои нок – «Ношпотӣ», «Сиёҳмуруд», «Хафмуруд», «Анҷирак»; аз навъҳои гандум – «Сурхак», «Сафедак», «Иродӣ»; аз навъҳои боқле – «Сиёҳ», «Сафед»; аз навъҳои лубиё – – «Сиёҳ», лубиё «Сиёҳ», «Сафед», «Зард», «Алло»; аз навъҳои ҷав – «Сафедак», «Кабудак»; аз навъҳои каду – «Таиаловӣ», «Ширкаду», «Пуштӣ», «Обкаду» ва «Носка-ду» дар ҳавлиҳои мардум кишту кор мегарданд. Дар ин ҷо мо бо пайванзанони моҳир - Ёкубов Пирумшо – 54 сола, Шокиров Баладҷон – 54 сола, Маллаев Маҳмаднабӣ -57 сола, Ҳиматова Точиниссо – 52 сола ва дигарон вохӯрӣ гу-заронидем. Инчунин мо бо ҳамроҳии деҳқонони деҳа - Шарипов Сайакрам – 70 сола, Холназаров Қандил – 70 сола, Саъдуллоев Фатҳулло – 75 сола, бо устоҳои ахтаку-нии чорво бо усули мардумӣ Абдукаримов Исматулло – 56 сола, табиби халқии деҳа Ҳодиев Муқим – 55 сола, устоҳои деҳа оид ба тарошидани аспобҳои чӯбин, юғу си-пор - Маҳмадшоев Мизробшо – 54 сола, Сафаров Амиршо – 30 сола сӯҳбатҳои муфид оростем. Дар ин ҷамоати деҳот ҳоло 10 осёби обӣ кор мекунанд.

### ***Деҳаи «Сари Кенҷа»***

Ин деҳа дар баландии 2000 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир гаштаст. Дар ин деҳа бештар аз 400 оилаҳо умр ба сар ие-гузаронанд. Дар ин ҷо мо пайвандзани моҳири дарахтон Абдурахимов Муҳаббат, ки 60 сола аст вохӯрдем. Вай дар бахши пайванд намудани дарахтони мевади-ҳанда таҷрибаи бой дорад. Ҳар сол ӯ пайвандҳои гуногуни да-рахтонро гузаронида, барои нигоҳ доштан ва афзун гар-

донидани навъҳои маҳалӣ хизмати шоиста менамояд. Махсусан дар ҳавлии ин деҳқон як дарахти себи бобогӣ, ки вайро мардуми маҳал навъи «Рахшак» меноманд бисёр диққатҷалбкунанда мебошад. Дар ҳавлии вай инчунин як навъи маҳалии зардолу месабзад, ки марудм ин навъро «Зардак» меноманд, хело меваи хуб дорад ва хело дер дар моҳи октяр пӯхта мерасад.



**Навъи маҳалии себи «Рахшак», деҳаи Сари Кенҷа, ноҳияи Лахш**

## ***<u>Аз таҷрибаи пайванд намудани якчанд навъҳои себ дар танаи як дарахт</u>***

Муҳабат Абдурахимов аз деҳаи «Сари Кенҷа»-и ноҳияи Ҷиргатол, 65 сола.« Ман ин таҷрибаи қадимаро 50 сол пеш аз падарам омӯхтам, ки вай аз чунин чорабиниҳо иборат мебошад: аввали баҳор ман навдаҳои пайвандшавандаи чанд навъи себро гирифта, аз истифодабарии пайвандкунии намуди исканапайванд ё ин ки кундапайвандро истифода бурда, ин навдаҳоро дар танаи як дарахт пайванд менамоям. Дар натиҷа ман дар танаи як драхт 3-4 навъро пайванд менамоям ва мебинам, ки дар баҳорон як дарахт чанд намуди гулу ва чанд намуди мева медиҳад, ман хело хушҳол мегардам. Меваҳои ин дарахт ҳам дар

вақтҳои гуногун пӯхта, имконияти тамоми сол меваи себ доштанро мусоидат менамоянд. Дар ҳавлиам ман чунин дарахтони чандбараро хеле бисёр парвариш кардам ва ин таҷрибаамро ба фарзандонам ва ҷавонон омӯзондаам».



***Деҳқони соҳибтаҷриба Муҳабат Абдураҳимов, деҳаи «Сари Кенҷа», ноҳияи Лахш***

Дар ноҳияи омӯзишу тавсифи донишҳои нодири мардумиро дар Гурӯҳи технологии деҳот (ГТД) дар деҳаҳои «Ҷонқиғиз», «Қушағба» ва «Пилдон» дар бахшҳои гуногуни кишоварзӣ иҷро менамоянд.

***Деҳаи «Ҷонқиргиз». Парвариши капусти голландӣ.***

Дар деҳаи «Ҷонқирғиз» Гурӯҳи технологии деҳот дар мавзӯи «Парвариши капусти голландӣ» кор ва фаъолият менамояд. Дар ин гурӯҳ нафар занони ин деҳа аъзо мебошанд. Роҳбари ин гурӯҳ зани таҷ-рибанок Файзова

Ҳалила-хон Ҷаҳанбаевна мебошад. Ин ГТД дар мавзӯи парвариш ва ҷорӣ намудани капусти голландӣ ко рва фаъолият менамояд. Дар вакти интихоби навъҳои ин зироат онҳо диққати махсус дода, тухмиҳоро худашон низ парвариш менамоянд ва ба дигарон медиҳанд. Аъзоёни ГТД ин деҳа махсусан ин зироатро дар заминҳои наздиҳавлигӣ ва дар гармхонаҳояшон парвариш менамоянд. Онҳо аз тухмиҳои ин зироати дар шароити кӯҳистон акнун паҳшаванда авали парварда сабзонида, пас он ки гармхона парвариш намуда, ҳосили дилхоҳ мерӯёнанд. Аз як сотих (0.01га) онҳо қариб 20-40 кг ҳосили капусти голландиро ба даст меоранд. Ин таҷрибаи нодири ГТД-и деҳаи «Ҷонқирғиз» дар оянда дар дигар деҳаҳои ноҳияҳо метавонад мавриди истифода қарор гирад ва кӯмак расонад.



***Деҳаи «Қушағба». <u>«Нигохдории махсулоти ширӣ.</u>***

Дар деҳаи «Қушағба»-и ноҳияи Лахш Гурӯҳи технологии деҳа дар мавзӯи «Нигоҳдории махсулоти ширӣ» корҳои лоиҳавиро иҷро менамоянд.



Дар ГТД 7 нафар занони ин деҳа дохил мебошанд, ки роҳбари онҳо зани оқилу донишманд Каримова Тутӣ Мираковна мебошад. Ин занҳо дар ин деҳаи дурдасти кишварамон ба усули анъанавии тайёр намудан ва нигоҳдории маводи ширӣ сару кор доранд. Онҳо шири чорворо аввал ҷӯшонида баъд онро бо истифодабарии усулҳои қадимаи дар деҳот маъбул коркард намуда, аз он ҳар гуна маводҳои ғизоӣ тайёр намуда, пешкаши аҳли хонадон ва мизоҷон менамоянд. Бо ин усул онҳо яз як тараф маводи шириро аз талаф ёфтан нигоҳ дошта, онро коркард намуда хӯрокиҳои гуногун, аз қабили панир, шири хӯшк,

талқони ширӣ, шарбатҳо, мурабо ва дигар намуди ғизоҳоро тайёр менамоянд. Онҳо дар ин таҷрибаи анъанавиашон  бештар аз ҳал намудаъалаи вайрон нашудани маводи шириро дар деҳот ҳал менамоянд. Чунин усули коркард ва нигоҳдории маҳсулоти ширӣ дар деҳот бисёр ҳам қуллай буда, барои хонадони мардуми фоидаи калон ворид намуда, инчунин барои беҳтар гаштани саломатии мардум кӯмаки калон мерасонад.

Ин таҷрибаи нодири занҳои деҳот дар оянда барои аҳолии деҳот ниҳоят зарур буда, бо ин васила барои баланд шудани ғизонокии хӯрока ва ҳифзи саломатии аҳолӣ дар оянда мусоидат менамояд.



***Сӯҳбат бо аъзоёни ГТД – деҳаи «Қушагба», ноҳияи Лахш.***

***Деҳаи «Пилдон». <u>Парвариши картошка бо каду.</u>***

Дар деҳаи «Пилдоно» Гурӯҳи технологии деҳот дар мавзӯи «Парвариши картошка бо каду» кор ва фаъолият

менамоянд. Дар ин гурӯҳ 10 нафар занони ин деҳот аъзо мебошанд. Роҳбари ин гурӯҳ зани оқилу чаққон Раҷабова Саодатхон мебошад. Ин ГТД оиди истифодаи кишти омехтаи картошка ва каду таҷрибаи хуберо ба даст овардаанд.



***Кишти омехтаи картошка бо каду***

Ин ГТД ба парвариши ду зироат, яъне картошка ва каду, ки онҳо дар як вақт кишт карда мешаванд кор мебаранд. Ин ду зироат яъне картошка ва каду дар вақти нашъу намо ҳамдигарро халал нарасонида, баръакс як хел нашъу намо менамоянд. Дар вақти интихоби навъҳо бояд навъҳои пешпазаки кадугиҳо интихоб гарданд. Аз сабаби оне, ки дар решаҳои кадугиҳо азотоактеринҳо зиндагӣ менамоянд, онҳо барои соли оян-да дар хок як қисми нуриҳои нитрогениро низ захира менамоянд, ки ин ба

ҳосилхезии хок таъсири мусбат менамояд. Дар нати-ҷаи кишти ин ду зироат самаранокии истифодаи аз як гектар хело зиёд мегардад. Деҳқонон дар сурати истифода бурдани ин усули кишти омехтаи картошка ва каду метавонанд, аз як гектар то 27-33 тонна картошка ва то 1-2 тонна дони каду ба даст оранд.

Бояд қайд намуд, ки кишти омехтаи картошка ва каду дар таъмини ғизои одамон ҳам хело аҳамияти калон дошта, барои таъмини озӯқаворӣ ва ҳифзи саломатӣ аҳамияти калон дошта, барои ба даст овардани фоидаи иқтисодӣ ба оилаҳои мардуми деҳот кӯмаки калон карда метавонад. Барои ба даст овардани ҳосили баланди ин ду зироат - картошка ва каду ба замин андохтани 50-100 кг порӯи пӯсида ва 4-5 кг нуриҳои минералӣ дар майдони 0.01 га аҳамияти калон дорад. Дар давоми нашъу намои ин навъҳо метавон бо додани 7-8 маротиба обмонӣ ҳосили дилхоҳи ду зироатро ба даст овард. Инчунин ин навъҳои картошка ва каду ба ҳар гуна касалиҳои занбурӯғӣ ва бактериявӣ устувории картошка ва кадуро хело тобовар намуда, ин таҷрибаи нодир дар оянда дар корҳои кишоварзӣ дар дигар минтақаҳо метавонад истифода гардад ва истифодабарии самараноки заминро таъмин намояд.

### *6.7. Ноҳияи Сангвор (Тавилдара).*

### *Деҳаи «Деҳи калон». Истехсоли ширинии тут.*

Дар деҳаи «Деҳи калон»-и ноҳияи Сангвор Гурӯҳи технологии деҳот дар мавзӯи «Истеҳсоли ширинии тут» кор ва фаъолият менамоянд. Дар ин гурӯҳ ду мард ва 8 зан дар маҷмӯъ 10 нафар аъзо мебошанд. Роҳбари ин

гурӯҳ зани оқилу чақон Усмонова Раҷабо-моҳ мебошад. Ин ГТД оиди истифодаи меваи ширини тут дар кӯҳистон ва тайёр намудани ширинӣ, ки барои табобатӣ касалиҳои узвҳои дохилӣ хело аҳамияташ калон аст таҷрибаи хуберо ба даст овардаанд. Ин ГТД бо роҳи тайёр намудани ширинии тут ҳар сол инчунин аз фурӯши маҳсулоташон даромади хуб ба даст меоранд.



***Роҳбари ГТД Усмонова Раҷабмоҳ бо маҳсулотҳои тайёр намудааш дар намоишгоҳи соли 2015***

## *Деҳаи «Деҳи калон». <u>Гиёҳҳои шифобахш ва истеъмолӣ</u>*

Дар деҳаи «Деҳи калон»-и ноҳияи Сангвор Гурӯҳи технологии деҳот дар мавзӯи «Гиёҳҳои шифобахш ва истеъмолӣ» кор ва фаъолият менамоянд. Дар ин гурӯҳ 10 нафар занҳо аъзо мебошанд. Ин ГТД оиди истифодаи ҳар гунна алафҳои татобатӣ ва инчунин алафҳои истеъмолӣ дар шароити ин диёри аз чунин гиёҳҳои фоидавоар ғании кӯҳистон фаъолиятҳои хешро давом дода истодаанд. Онҳо аз бештар аз 20 навъу намудҳои алафҳои дар шароити деҳаашон мерӯидагӣ ҳар гунна доруворӣҳои дар асоси тависяномаҳои табибон ва инчунин тайёр намудани ҳар гунна хӯрокиҳо аз алафҳо ва растаниҳои кӯҳистон машғул мебошанд.

## *Шаҳраки Тавилдара.*

## *<u>Парвари картошка бо истифода аз хокистар.</u>*

Дар шаҳраки «Тавилдара» Гурӯҳи технологии деҳот дар мавзӯи «Парвариши картошка бо истифода аз хокистан» кор ва фаъолият менамоянд. Дар ин гурӯҳ 6 нафар занони ин деҳот аъзо мебошанд.

Ин ГТД ба парвариши картошка бо истифодабарии хокистари чубу тапакҳо кор мебаранд. Онҳо картошкаро аввали баҳор дар болои хокистари чубу тапаки хона шинонда,ҳар сол ҳосили фаровони картошкаро ба даст меоранд. Аз сабаби оне, ки хокистар дар таркибаш ҳар гуна микроэлементҳо ва макроэлементҳоро дорад, брои ғизогирӣ ва дар хок намро нигоҳ доштан кӯмаки калон мерасонад. Дар натиҷа ҳосилнокии картошка афзоиш ёфта, деҳқонон аз ин усули кишт ва парвариши картошка

даромади хуб ба даст меорнад. Бояд қайд намуд, ки ба як гектар замин ГТД ба миқдори 1,5-2 тоннагӣ хокистарро дар фақти кишт ба замин меандозанд ва ин кӯмаки калон мерасонад. Дар давоми нашъу намои картошка деҳқонон ба киштзор 7-8 маротиба об мемонанд. Инчунин хокистар барои ба касалиҳо тобовар гаштани картошка кӯмаки калон мерасонад.

***<u>Аз таҷрибаи пӯхтани нонҳои гуногуну болаззат дар деҳот</u>***

Тайёр намудан ва пӯхтани нонҳои гуногун ва калонҳаҷм бештар дар деҳоти Тоҷикистон хело маъмул мебошад. Махсусан ин ҳунари анъанавӣ дар води Рашт хело машҳур аст. Хонума Ойюмгул Ҷумахмадова, ки ҳоло 55 сола мебошад, нонҳои клони гирдашон аз 1, 5 метр ҳам калон аст, пӯхта тайёр менамояд. «Ман ин ҳунари сунатиро аз модаркалонм Мастура ва модарм Раъно дар сини 15 солагиам омӯхтам. Бо шарофати ин ҳунарам маро дар бисёр маъракаҳояшон мардум барои пӯхтани нонҳои гуногун ҷеғ мезананд. Ман инчунин нонҳои болаззатро аз қабили чапотӣ, кулча, фатир, қатмол, озӯқ, половгун, хасфатир, хасфатири вароқӣ ва ғайраҳо мепазам». Мувофиқи маълумотҳои аз онҳо ҷамъовардаи мо сифати нон ва калони вай аз сифати орду навъи гандум вобастагӣ дорад. Онҳо дар ин кор орди гандуми навъҳои маҳалии дар осёбҳои обӣ тайёр гаштаро баҳои баланд медиҳанд.

***<u>Аз таҷрибаи сохтани танурҳо дар деҳот</u>***

Дар деҳаи «Сари пул»- и ноҳияи Тоҷикобод хонум Зебониссо Пирова иқомат менамояд, ки ҳоло ӯ 55 сола мебошад. Вай ба мо нақл намуд, ки.. « ман таҷрибаи сохтани танурҳои маҳалиро аз модаркалонам, ки он вақт манн 20 сола будам

омӯхтаам. Дар вақти тайёр намудани танурҳоям, манн аз хокҳои ҷигарии маҳалӣ, қуму рег, сангчаҳо, коҳ ва обро истифода мебарам. Ин масолеҳҳро манн дар рӯи замин омехта намуда, баъд аз онҳо танур месозам. Ин намуди танурҳо барои пӯхтани нон қуллай буда, оиди сарфаи ҳезум камхарҷ мебошанд, ки ин аҳамияти калон дорад дар мавриди якбора пӯхтани нонҳои бисёр, кам ихроҷ намудани гази карбон ба ҳаво ва сарфаи ҳезум, ки ҳоло камчин аст».

***<u>Парвариши картошкаи болаззати органикӣ</u>***



***Деҳқони асил Ҳоҷӣ Партовалӣ Салимов кишти омехтаи картошкаро бо порӯи пӯсида мегузаронад, деҳаи Машконак, ноҳияи Рашт***

Картошка зироати асосии хӯрокӣ ҳисобида мешавад. Аз лундаҳои картошка бештар аз 200 намуди таомҳо тайёр менамоянд. «Ман ба картошкапарварӣ бештар аз 75 сол боз ин ҷониб машғулам мегӯяд, деҳқони деҳаи «Машконак»-и ноҳияи Рашт Партовалӣ Салимов, ки ҳоло 85 сола мебошад. Таҷрибаи парвариши картошкаи болаззати органикиро ман хело боз давом дода истодам. Барои

ба даст овардани ҳосили баланди ин зироат яке аз чорабиниҳои асосӣ – ин кишти омехтаи лӯндаҳо бо порӯи пӯсидаи органикӣ мебошад. Барои ин дар аввал қаторҳоро дар чуқурии 10-15 см тайёр намуда, дар байни қаторҳои (ҷӯйякҳои) тайёр карда шуда, ки дар онҳо лундаҳои картошка бояд шинонда шаванд, порӯи пӯсидаро бо омехтагии баргу коҳҳои пӯсида ва хокистар-ро ба микдори 0,5 кг дар як метри замин ҷой карда, баъд лундаҳои тухмии картошкаро дар болои ин маводҳои андохташуда гузошта мешаванд ва дар чуқурии 5-7 см зери хок гардонида мешаванд. Ин корро манн авали баҳор ба ҷо меорам ва ин чорабинӣ боиси хеле баланд гаштани ҳосилнокии ин зироат мегардад. Ин тарзи бобогии кишти картошка ҳоло дар бисёр деҳаҳо истифода бурда мешавад ва боиси ба даст овардани ҳосили баланди картошка бе истифодабарии нуриҳои маъданӣ ва захрҳо мегардад. Чунин картошка хело болаззат мебошад. Ман ин усули парвариши картошкаро ба дигарон низ тавсия медиҳам, ки дар қитъаҳои наздиҳавлигиашон истифода баранд».

### ***<u>Омезиши усулҳои суннатӣ ва оддии мубориза бо зараррасонҳо ва касалиҳои растаниҳо</u>***

Аз давраҳои қадим деҳқонон деҳқонон барои мубориза бурда ба муқобили зараррасонҳо ва касалиҳо аз таҷрибаи суннатии мардумӣ ба хубӣ истифода мебурданд.

Ин усули мардумӣ аз он иборат мебошад: дар 10 литр об 2 кг хокистари чӯб, 100 -150 г тамокуи хушк, 1-2 дона сирпиёз (майдакардашуда), 1-2 дона қаламфур ( майдакардашуда)-ро ҳамроҳ намуда, дар муддати 3-4 рӯз дар торикӣ нигоҳ медорнад. Баъди ин ин турушгаштаро аз дока гузаронида, ба он 100-150 г селитраи аммиакӣ, 50-70 г

хлориди калий, 70-100 г суперфосфат ва 20-30 г собун ё айнаро ҳароҳ намуда, хуб омезиш дода, ба растаниҳо мепошанд. Дар вақтҳои охир инчунин ба чунин маҳлули корӣ пеш аз ба растаниҳо пошидани маҳлули тайёр гашта, ба он 10-15 г аз заҳрҳои кимиёвӣ, аз қабили нурелл- Де, десис, фюре, би-58, рогор, сумисидин ҳамроҳ намуда, ба растаниҳо мепошанд, ки ин дар як вақт барои нест намудани касалиҳо ва ҳашаротҳои зараррасон кӯмаки калон мерасонад.

Аммо барои дар як вақт нест кардани касалиҳои зироатҳо метавон ба ин маҳлул инчунин пеш аз пошидан ба растаниҳо чунин заҳрҳоро аз қабили арсерид, ридомил, купрозан, синеб ва ғайраҳоро бо сарфи 20–30 г дар 10 литри маҳлул истифода намуд. Ба ҳамин тариқ ин маҳлули тайёргаштаи универсалӣ метавонад дар як вақт ҳам касалиҳо, ҳашаротҳо ва зараррасонҳоро нест намояд. Сарфи ин маҳлул тахминан 6 литр дар майдони 0, 01 га мебошад. Ин маҳлули заруриро метавон ба ҳамаи зироатҳои кишоварзӣ истифода кард. Вақти пошидани ин маҳлул баъди соатҳои 17- 19 мебошад ва онро дар вақти баромадани ниҳолҳои ҷавон ва дар вақти нашъу намои онҳо истифода намуд.

## ***Аз таҷриба аз касалии сиёҳак эмин гардонидани тухмии гандум***

Ба парвариши ғалладонагиҳо, аз қабили гандум мардуми диёрамон аз қадимулайём машғул буданд. Вале ба кори деҳқонӣ дар парвариши гандум аз давраҳои тӯлонӣ сиёҳшавии хушаи гандум хисороти калон ворид месохт. Бинобар ин деҳқоно ба муқобили ин касалии занбурӯғии гандум аз хоки тафсон дар фасли тирамоҳ истифода мебурданд.

Барои ин деҳқонон дар хирманҷойҳо, ки дарзаҳои гандум бо ёрии чорвои хонагӣ майда карда мешуд, дони гандумро бо мутаносибии 1:1 бо хоки тафсон омехта намуда, онро чанд маротиба тагу ру менамуданд. Дар натиҷаи ин кор занбурӯғи дар донҳо часпида бо хок омехта гашта, касалӣ дигар ба растаниҳо зарар намерасонид ва деҳқонон аз ин офат зарар намедиданд. Махсусан, ин чорабинии суннатӣ дар тайёр намудани тухмии солими ғалладонагиҳо кӯмаки калон мерасонид.

Ин усулии бобогии тайёр намудани тухмии гандум ва безарар гардонидани он ҳоло ҳам дар аксари деҳаҳои ноҳияҳои Ҳисор, Рӯдакӣ, Ваҳдат, Варзоб ва ғайраҳо истифода мегардад.

***<u>Аз таҷрибаи тайёр намудани ҷурғот ва гирифтани равған аз он.</u>***



***Усули ҷудо карда гирифтани равғани ҷурғот, деҳаи «Бобои Валӣ» ноҳияи Файзобод***

Дар шароити деҳоти Тоҷикистон занон асосан усулии суннатии коркард намудани маҳсулоти ширӣ ва тайёр намудани ҳар гуна ғизоҳои гуногунро аз шир тайёр менамоянд. Масалан раванди тайёр намудани чурғотро гирем, дар ҳар деҳа вай аз тарафи бонуовон истифода карда мешавад ва аз ҷурғот ҷудо карда гирифтани равғани он дар минтақаҳои гуногуни мамлакат як хел нест. Дар ноҳияҳои ҷанубӣ ва шарқии Тоҷикистон бонвон зарфҳои гирди сафолӣ ё ин ки оҳаниро истифода бурда, барои ҷудо карда гирфтани равғани ҷурғот аз асбобҳои аз чӯб тайёр намудаи қадимаи суннатӣ ба монанди «чагдегӣ», «чахниқ» ва «чахчӯб» истифода мебаранд. Аммо мо дидем, ки дар аксари ноҳияҳои шимолии мамлакатамон бонувон дар ин кор аспобоҳои аз чӯб тайёр карда шуда, ба шакли дароз ва аз «кафчӯб» истифода менамоянд. Ин ҳунари суннатии мардумӣ доир ба тайёр намудани маҳсулоти ширӣ дар ҷараёни коркарди маҳсулот ёрии калон расонида, дар ба даст овардани маҳсулоти тозаи органикӣ кӯмаки калон мерасонад.

***<u>Аз таҷрибаи коркарди маҳсулот дар зери офтоб</u>***

Дар вақти сафарҳоямон мо дар аксари деҳот мушоҳида намудем, аҳолии деҳот дар фасли тобистон аз гармии офтоб самаранок истифода меранд. Бисёре аз бонувони деҳот аз ин манбаъи энергия дар коркарди помидор истифода мебаранд. Онҳо ҳосили помидорро чинда, бо об шӯста, бо корд онҳоро чанд қисм карда, баъд онҳоро бо намак омехта намуда (бо мутаносибии 1қисм намак ва 10 қисм помидор), баъд дар зарфи сирдор дар зери офтоб 3- 5 рӯз нигоҳ медоранд.

Бо ҳамин тариқ баъди як ҳафта помидори хамиргашттаи хуштамъ (паста) барои истифодабарӣ ё барои хӯрока ё ин ки барои фурӯш тайёр мегардад. Қисми дигар аҳолӣ энергияи офтобро барои хушк намудани меваҷот, аз қабили тут, себ, нок, ангур, зардолу ва ғайраҳо истифода мебарад. Барои ин онҳо меваҷотро дар зери офтоби тобистон нигоҳ дошта, аз онҳо маҳсулоти хуштамъ тайёр менамоянд. Бо ҳамин тариқ ин таҷрибаи суннатии хушк намудани меваҷот барои тайёр намудани хӯрокаҳо, барои муҳофизати муҳити зист ва ба даст овардани маҳсулоти тозаи табиӣ аҳамияти калон дорад.

## ***Аз таҷрибаи истифода намудани ҳайвонҳои хонагӣ дар кишоварзӣ***

Вақтҳои охир аз сабаби мушкил гаштани дарёфт ва харидорӣ намудани техникаи кишоварзӣ дар аксари ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба шакли истифодабарии суннатии парвариши зироатҳои кишоварзӣ бо истифода намудани ҳайвонҳои хонагӣ ва асбобҳои қадима баргаштаанд.

Махсусан гузаронидани шудгори замин ба воситаи ҳайвонҳои хонагӣ нисбати ин корро ба воситаи техникаи вазнин ба ҷо овардан дар заминҳои ноҳияҳои кӯҳӣ хело арзон, барои нағз нигоҳ доштани структураи хок ва барои муҳити зист хело фоидаовар мебошад. Ин таҷрибаи мардумӣ боз аз он ҷиҳат бартарӣ дорад, ки вай оддӣ буда, дастраси деҳқонон буда, барои он сӯзишворӣ, равғанҳои молиданӣ ва қисмҳои эҳтиётии техникӣ зарурият надорад. Ин анъанаҳои қадимаи мардумӣ дар аксари ноҳияҳои кӯҳистон аз нав эҳё гашта истодаанд. Масалан, деҳқонону картошуапарварони ноҳияҳои Рашт, Тоҷикобод, Лахш (Ҷиргатол), Файзобод ва дигар ноҳияҳо солҳои охир дар парвариши зироатҳо аз ҳайвонҳои хонагӣ (гов, хару аспҳо) васеъ истифода мебаранд.

## *Аз таҷрибаи қадимаи майда намудани ғалладонагиҳо*

Халқи тоҷик аз замонҳои қадим дар корҳои кишоварзӣ аз ҳайвонҳои хонагӣ васеъ истифода бурдааст. Чунки дар замонҳои қадим техника набуд ва мардум ба воситаи гов, хар, асп корҳои кишоварзиро пеш мебурданд. Махсусан аз ҳайвонҳои хонагӣ дар корҳои майда намудани ғалладонагиҳо дар сари замин истифода мебурданд. Барои ин онҳо дар ҷои шамолгузар дарзаҳои бастаи ғалладонагиҳоро ҷамъ оварда, баъд ба воситаи ҳайвонҳои хонагӣ онҳоро майда менамуданд. Баъди ин дастӣ онҳо коҳу донҳоро ба ҳаво партофта, ба воситаи шамол донро ҷудо карда мегирифтанд. Коҳи ҷудогашта ба чорво хӯронида мешуд.

## *Аз таҷрибаи истифодаи осёбҳои обӣ дар деҳот*

Дар аксари деҳоти мамлакатамон ҳоло ҳам мардуми деҳот дар орд намудани гандум аз осёбҳои обӣ васеъ истифода мебаранд. Дар ҳар деҳае, ки ҳоло чунин осёбҳои обӣ сохту шуда истифода мегарданд, албатта др он ҷо устоҳои маҳалӣ оид ба тарошидан ва тайёр намудани сангу дигар лавозимоти чунин осёбҳо умр ба сар мебаранд. Осёбҳои обӣ низ яке аз намудҳои истеҳсолӣ дар истифода намудани манбаъҳои аз нав тавлидшаванда ба шумор рафта, барои муҳити зист ягон хаву хатареро пеш намеоранд. Дар натиҷаи орд намудани гандум дар чунин осёбҳои обӣ сифати орд хело хуб буда, чунин орд инчунин барои саломатии одамон хело судманд мебошад. Инчунин аз чунин тарзи коркарди гандум ва аз элек гузаронидани он сабус низ ҷудо мегардад, ки вай барои чорво хӯроки ғизонок ба шумор меравад.




***Устои сангтароши осёбҳои обӣ Назаров Одинамаҳмад (аз чап) ва осёби обӣ (аз рост)***

***<u>Аз таҷрибаи гирифтани равғани растаниҳои равғандор</u>***



***Ҷӯвозхонаи равғанкашии деҳқонӣ***

Аз давраҳои қадим дар деҳоти мамлакатамон деҳқонон ва доништмандони мардумӣ ҷувозхонаҳои махсус сохта ба истифода медоданд, ки дар онҳо деҳқонон тухмиҳои растаниҳои рағандор-ро, аз қабили зағир, офтобпараст, кунҷут ва ғайраҳоро коркард намуда, равған ва кунҷола ба даст меоварданд. Чунин равғани аз растаниҳо ба даст оварда шуда, бисёр болазат ва табобатӣ буд.

Бо мо муяссар гашт, ки дар вақти сафарҳоямон дар як қатор деҳаҳо чунин ҷувозхонаҳои мардумиро оид ба каши-

да гирфтани равғани растаниҳо бинем. Инчунин дар баъзе ҷойҳо мо мушоҳида намудем, ки мардум барои ин кор аз қувваи барқ ва ҳам аз қувваи асп истифода мебурданд.

Бояд қайд намуд, ки дар ҳарду ҳолат ҳам ин ҷувозхонаҳо барои муҳити зист ва истифодаи манбаъи энергия онҳо хело фоидаовар мебошанд.

Махсусан равғани ба воситаи чунин ҷувозхонаҳо ба даст оварда шуда, бисёр тоза буда, барои саломатии одамон аҳамияти калон дорад ва ба он талабот низ хело зиёд аст. Вале бояд қайд намуд, ки чунин ҷувозхонаҳо дар деҳот ҳоло хело кам мондаанд ва устоҳои моҳири тайёр намудани чунин ҷувозхонаҳо ва қисмҳои зарурии онҳо низ кам гаштаанд. Бояд қайд намуд, ки ин ҳунари волои ниёгони мо ба аз навсозӣ ва барқарорнамудан дар деҳот зарурият пайдо намудааст.

## ***<u>Аз таҷрибаи суннатии сохтани биноҳои истиқоматӣ дар деҳот</u>***

Дар шароити гуногуни деҳоти Тоҷикистон мардум аз давраҳои қадим ба хонасозӣ машғул буданд. Вале донишмандони мардумӣ дар ҳар минтақаи ҷумҳурӣ вобаста аз шароити боду ҳаво ва дараҷаи



***Усули суннатии сохтани бинои истиқоматӣ дар деҳаи «Шавроқиён», ноҳияи Тоҷикобод***

ба зилзила тобовар будани хонаҳо чанд намуди хонасозиро пеша намудаанд. Масалан дар аксари ноҳияҳои вилояти Суғд мардум пеш аз хона сохтан аввал аз лой лӯнадачаҳо тайёр намуда, баъд онҳоро дар бардоштани девори хона бо усули синч мондан истифода мебаранд. Аммо дар аксари ноҳияҳои қисми ҷанубии мамлакат бошад, бо роҳи аз хоку коҳ тайёр намудани лой ва онро баъд дар бардоштани деворҳо истифода мебаранд.

## *<u>Аз таҷрибаи мардумии «Ҳашар» истифода бурдан дар дар деҳот.</u>*



***Усули суннатии «Ҳашар»дар тоза намудани канали обиёрӣ, деҳаи «Ҳоит», ноҳияи Рашт***

Аз замонҳои қадим мардуми тоҷик як анъанаи хубро дар ҷомеа андӯхтааст, ки ин ҳам бошад дар раванди ягон корро иҷро намудан ҳамагон дар он иштирок намудан аст, ки он бо номи «ҳашар» дар байни мардум маълум аст. Масалан авали баҳорон тоза намудани ҷӯйю заҳбурҳои обиёришаванда, сохтани тагдеволи ягон бинои ҷамъиятӣ, аз қабили мактабҳо, чойхонаҳо, роҳҳо ва инчуни рӯйпӯш намудани хонаҳои шахсии одамон дар фасли тирамоҳ ва ғайраҳо, ки онҳо бо ёрии мардум ба ҷо оварда мешаванд.

Ин намуди ба пой хезонидани ҷомеа албатта аҳамияти хоса дорад, ҳамчун як чизи мардумӣ, ки аз замонҳои пеш ба мо мерос мондааст. Ин анъанаи мардумӣ махсусан дар деҳот нағз риоя карда мешавад ва он барои перафти ҷомеа, муттаҳид будани одамон дар деҳот ва характери тарбиявӣ дошта, барои рушду нумуи ҷомеа аҳамияти калон дорад. Бинобар ин анъанаро бояд дар оянда низ тақвият бахшид ва давом дод.

***<u>Аз таҷрибаи тайёр намудан ва истифодаи «сабад» дар деҳот</u>***



***Сабад, ки деҳқон Абдулов Абдулвосеъ бофтааст, деҳаи «Машконак», ноҳия Рашт***

Дар деҳаи «Машконак»- и ноҳияи Рашт деҳқони ботаҷриба Абдул-восеъ Абдулов умр ба сар мебарад ва 75 сола мебошад. Вай нақл менамояд, «… вақте, ки ман 10 сола будам ин намуди ҳунари мардумиро аз мӯйсафедо-ни рӯзгордидаи деҳаамон Абдул, Резмон, Шариф ва Сайёд

омӯхтам. Ин асбоби деҳотиён асосан аз навдаҳои ҷавони дарахтони бед, тут, олуча, гелос, санҷид, зардолу ва ғайраҳо бофта мешавад. Барои ин дар фасли баҳор навдаҳоро бурида ду – се рӯз дар зери офтоб нигоҳ медоранд ва баъд онҳоро барои тайёр намудани сабад истифода мебаранд. Ин асбоби қадимаи мардуми кӯҳистон барои кашондани ҳар гуна борҳо (коҳ, мева, дон ва ғайраҳо истифода бурда мешавад. Ман дар хонам зиёда аз 10 намуди сабадро бофта нигоҳ медорам ва ин асбоб хело осон ва арзон ба даст оварда мешавад. Ин ҳунарамро ман ба дигарон то имрӯз омӯзондам, то ин ки насли оянда аз ин ҳунар бархурдор бошанд».

## ***<u>Аз таҷрибаи тайёр намудани намад дар деҳот</u>***

Аз қадимулайём мардуми деҳот ба бофтану тайёр намудани намад аз пашми ҳайвонҳои хонагӣ, аз ҷумла гӯсфанд, буз, уштур ва ғайраҳо шавқу рағбати калон доштанд ҳам барои дар шароити хона истифода бурдан ва фурӯш).

Чӣ тавре, ки ба мо маълум гашт, ин таҷрибаи мардумӣ вақтҳои охир кам ба чашм мерасад. Ин кори бофтани намад аз пашмҳои ҳайвонҳои хонагӣ ҳоло бештар дар ноҳияҳои кӯҳии мамлакат, ба монади Ҷиргатол, Мастчоҳи Кӯҳӣ, Ғончӣ ва баъзе аз ноҳиҳои Вилояти Худмухтори Кӯҳии Бахшони ва ғайраҳо ба чашм мерасад.

## *Аз таҷрибаи нигоҳдории навдаи пайвандшаванда дар муддати тӯлонӣ*





***Усули нигоҳ доштани қаламчаи пайвандшаванда дар лӯндаи картошка***

Ин намуди иноватсионии нигоҳ доштани навдаи пайвандшавандаи дарахтони мевадиҳандаро мо дар деҳаи «Ҳоит», ки аз тарафи боғдорони ин деҳа истифода бурда мешавад, омӯхтем ва навишта ба хонандагон пешкаш менамоем. Ин намуди нигоҳдории навдаҳои пайвандшаванда чунин мебошад: бо ёрии корди пайвандкунӣ навдаҳои пайвандшавандаро бо дарозии 15- 25 см бурида, қисми поёнии онро тез намуда, баргҳои онро дур сохта, баъд ба лӯндаи картошка то 3-5 см мехалонанд. Чунин тарзи нигоҳдории навдаи дарахтони мевадиҳанда имконият медиҳад, ки навдаи пайвандшаванда муддати тулонӣ нигоҳ дошта шавад ба масофаҳои дурр интиқол дода шавад.

## *Аз таҷрибаи кории селесионерони мардумӣ*

Деҳқони таҷрибанок аз деҳаи «Поҷеи поён»-и ноҳияи Рашт Ғайратшо Махмадшоев зиёда аз 20 сол аст, ки ба парвариши ғалладонагиҳо, лӯбиёгиҳо ва зиро-атҳои хӯроки чорво дар шароити деҳаашон машғул мебошад. Дар баробари ин вай инчунин ба корҳои селексионӣ низ шафқу рағбати калон зоҳир намуда, дар ин кор аз

дастурҳои қадимаи мардумии интихоби ниҳолҳои серҳосил ва омӯхтани онҳо дар солҳои оянда истифода мебарад. Бо шарофати чунин ҳавасмандӣ ва кучковиаш дар ин муддат ба ӯ муяссар гаштааст, ки якчанд намунаҳои ояндадори зироатҳои кишоварзир, аз қабили ҷуворимакка, лубиё ва ғалладонагиҳоро ба даст оварад.




***Деҳқони таҷрибанок Ғайратшо Маҳмадшоев ба навъҳои нави ихтироккардааш, ҷуворимакка -«Тобовар» ва нахуди «Сафедак», деҳаи «Поҷеи поён», ноҳияи Рашт***

Масалан вай ба мо нақл намуд, ки чӣ тавр ба ӯ муяссар гашт, ки намунаҳои серҳосили зироатҳои ҷуворимакка, нахӯд ва лӯбиёгиҳоро ба даст оварад. « Ман аз водии Вахш тахминан даҳ сол қабл аз ин тухмии ҷуворимакаро харидорӣ намуда, дар қитъаи заминам кишт намудам. Ҳамон сол муттассифона хушксолӣ шуд ва ман зироатҳои кишткардаамро қариб ки об дода натавонистам. Дар охири сол дар мобайни ниҳолҳои бисёри ҷуворимакка манн як ниҳоли боқувват, ки чор дона сутаи тухмӣ дошт интихоб карда гирифтам. Соли дигар тухмиҳои ин растаниро алоҳида кишт намуда, мисли соли пешин ба киштзор об намонадам. Дар охири сол муяссар гашт, ки бе об ҳосили хуб ба даст биёрам. Аз ҳамон вақт ман ин навъи ба даст овардаамро ҳар сол кишт намуда, тухмиашро ба ҳамсояҳо тақсим намудам, ки онҳо ҳам аз ин навъ бе об ҳосили хуби 35-45 центрериро аз як гектар ба даст меоранд. Шартан ман ин навъи ба даст овардаамро навъи «Тобовар» ном

гузоштам». Инчунин ин селексионери халқӣ дар натиҷаи интихоби ниҳолҳои серҳосил дар муддати солҳои тӯлонӣ навъи нави нахӯди «Сафедак»-ро низ ба даст овардааст, ки ин навъ ҳам дар шароити заминҳои беоб ва обӣ ҳосили хуб медиҳад.

### ***<u>Аз таҷрибаи хонаҳои мавсимии коҳӣ дар саҳро дар фасли тобистон</u>***



***Деҳқони таҷрибанок Бегиҷон Саидов дар хонаи мавсимии коҳи, дехаи «Нушор», ноҳияи Тоҷикобод***

Одатан деҳқонон ва боғдорон дар фасли тобистон барои аз шӯъоҳои офтоб ҳимфз намудани хеш аз қамиш, коҳу алафҳои хушк гашта дар сари заминашон хонаҳои мувафақатӣ сохта, дар зери он дам мегиранд. Ин хонаҳои саҳроӣ, ки аксари одамон онҳоро "каппа»- и саҳроӣ мегӯянд, хело тоза буда, инъикоси нигоҳ доштани анъанаҳои бобогии деҳқононро таҷассум менамоянд. Ин анъанаи халқӣ решаҳои чуқури таърихӣ дошта, дар аксари деҳаҳои ноҳияҳои кӯҳистон аз тарафи деҳқонон, боғдорон ва чорводорон то кунун нигоҳ дошта шудааст.

## ***Аз таҷрибаи дарав ва захира намудани хӯроки чорво дар деҳот***



***Деҳқони ҷавон Эҳромиддин Абдураҳимов дар вақти дараві коҳ, деҳаи «Сари Кенҷа», ноҳияи Лахш***

Аҳолии деҳот аз давараҳои қадим барои равнақу ривоҷ додани чорводорӣ, махсусан барои захира намудани хӯрока барои чорво аз анъанаҳои қадимаи хеш истифода бурдааст. Одатан таҷрибаи тайёр намудани алафдаравӣ дар ҷумҳуриямон бо ду тарз иҷро мегардад. Яке аз тарзи дарав намудани коҳ ин бо ёрии дотсҳои дастааш дароз ( 2 метра) рост истода дарав кардан мебошад (расми 121). Тарзи дигари дарав ин нимнишаст гашта, дастӣ бо дости кӯтоҳдаста даравидани алаф мебошад.  Ҳарду тарзи ин намудҳои анъанавии дарв намудани алафзор ҳоло дар ҷумҳурӣ ҷой доранд ва барои захира намудани хӯроки чорво аҳамияти калон доранд.

## *Табобат бо усули реги тафсон ба воситаи офтоб*

Аз давраҳои қадим мардуми Тоҷикистон дар натиҷаи дарманд гаштани устӯғон-ҳои пойю дастон, миён ва гардан дар фасли тобистон ба назди соҳилҳои дарёҳо рафта, узв-ҳои дардмандро дар як вақти муайян дар зери қуми тафсон мегириф-танд. Дар натиҷаи дар зери қуми тафсон ги-



***Деҳқон Саидшоҳ Одилов дар коҳдаравӣ бо усули бобогӣ, деҳаи «Навдӣ», ноҳия Рашт***

рифтани узви дарднок аз бадани одам оби бисёр ҷудо гашта, намакҳои организмро тоза менамояд. Чунин шакли табобатро мо дар деҳаи «Дарбанд»-и ноҳияи Нуробод ди-дем. Барои ин дар як ҷои офтобрас чоҳи чуқуриаш 1 метр, бараш 3 метр ва даро-зиаш 6 метрро канда гирдашро аз семент де-вол мебардо-ранд. Си-пас даруни и чоҳро бо қӯми тоза пур менамо-янд. Одамон дар ин чоҳи қӯм ҷои дарман-дашро зери қӯми таф-сон карда, 1-2 соат меистад, ки аз бадани одам оби бисёр ҷудо гашта, намаки орга-



***Усули табобат бо ёрии қӯми тафсон дар зери офтоб, деҳаи «Дарбанд», ноҳияи Нуробод***

низмро кам мегардонад, ки одам баъди ин худашро хело сабук ҳис менамояд.

## ***<u>Аз таҷрибаи сохтани каналҳо обёрикунанда дар деҳот</u>***

Халқи тоҷик аз давраҳои қадим ба кишоварзӣ банд буд. Масъалаи самаранок истифода бурдани об яке аз масъалаҳои асо-сӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба шумор мерафт.



***Усули суннатии сохтани каналҳои обиёришаванда дар деҳот, деҳаи «Бобои Валӣ», ноҳияи Файзобод***

Бинобар ин деҳқонон аз таҷрибаи қадимаи хеш истифода бурда, дар минтақаҳои зарурӣ каналҳои обиёришавандаро кор карда мебаромаданд. Яке аз таҷрибаҳои қадима ин сохтани каналҳои калони обиёришаванда буд, к ибо шарофати ин дониши суннатӣ садҳо гектарҳо шодоб гашта, ҳосили баланди зироатҳо ба даст оварда мешуд. Ин таҷрибаи қадимаи сохтани каналҳои обёришаванда ҳоло ҳам дар аксари деҳаҳои дурдасти кӯҳӣ истифода гашта, барои ба даст овардани ҳосили зироатҳо ва таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ кӯмаки хешро мерасонад.

# *ХУЛОСАҲО*

1. Дар раванди иҷроиши лоиҳа мутахассисон ба якчанд деҳаҳои 6 ноҳияҳои водии Рашт сафар намуданд ва дар он ҷо бо таҷрибаи фермерон ва деҳқонон, ки дар Гурӯҳҳои технологии деҳа (ГТД) муттаҳид шуда, кору фаъолият менамоянд, шинос шуданд.
2. Дар раванди гузориши тадқиқотҳо мо бештар аз 100 нафар сокинони деҳот вохӯрда, бо онҳо сӯҳбатҳо оростем. Дар байни онҳо деҳқонони ботаҷриба буданд, ки онҳо оиди донишҳои сунаттӣ дар соҳаи кишоварзӣ таҷрибаи бой доштанд, инчунин мутахассисони ҳунарманд доир ба пайванд кардани дарахтони мевадиҳанда, табибҳои мардумии шикастабанди ӯстухони шикастаи одаму ҳайвонот, донишмандони таҷрибаҳои гуногуни мардумиро доранд (тайёр карда-ни маҳсулоти ширӣ, чизҳои пашмӣ, тайёр кардани маҳсулотҳои дигари хоҷагӣ, аз чуб тайёр кардани қошуқ, табақ ва ғайраҳо) буданд.
3. Дар маҷмӯъ дар натиҷаи омӯзишҳо дар манотиқи гуно-гуни дар боло зикршуда мо зиёда аз 200 навъҳои маҳалии дарахтони мевадиҳандаро, аз он чумла 60 на-въи себ, 37 навъи зардолу, 24 навъи ангур, 10 навъи тут, 9 навъи шафтолу, 8 навъи чормағз ва 8 навъи нок-ро, ки онҳо ба нигоҳубинӣ махсус ва зиёд намудани онҳо барои наслҳои оянда бо роҳи пайвандкунӣ эҳтиёҷ доранд пайдо намудем. Аз навъҳои зироатҳои яксолаи кишоварзӣ бошад мо 20 навъи маҳалии каду, 7 навъи гандум, 4 навъи лӯбиё, 3 навъи боқле ва 2 навъи ҷавро пайдо намудем, ки онҳо дар асоси баҳодиҳии мардуми

деҳот таъми хуби хӯрокӣ ва дигар сифатҳои мусбиро доро мебошанд.

4. Мувофиқи баҳодиҳии худи сокинони деҳот аксари навъҳои маҳалии зироатҳо ва дарахтони мевадиҳанда ба касалиҳо хело тобовар буда, ҳар сол ҳосили дилхоҳ медиҳанд. Ин навъҳои маҳаллӣ солҳои зиёд дар шароити ин ё он маҳал парвариш ефта, ба шароити ин маҳал мутобиқ гаштаанд ва нишонаҳои авлодиашонро нигоҳ медоранд. Ин махсусан дар навъҳои маҳаллии себ, нок ва зардолу мушоҳида мегардад.
5. Дар асоси тадқиқотҳои гузаронидашуда бештар аз 20 намуди ҳунару донишҳои мардумӣ дар бахши кишоварзӣ дар ноҳияҳои омӯзишӣ омӯхта шуданд.
6. Дар асоси сӯҳбатҳо ва саволномаҳо аз мардуми деҳот маълумотҳои муфид оиди таҷриба ва малакаи онҳо доир ба донишҳои мардумӣ, навъҳои нодири мевагиҳо, ки дар ҳолати аз байн рафтан қарор доранд, инчунин оиди мушкилотҳои рушди минбаъдаи донишҳои мардумӣ дар деҳот ба даст оварда шуданд.
7. Маводҳои ба даст оварда шуда ва маълумотҳои ахборотӣ оид барои дар оянда нигоҳдорӣ ва ҳифзи захираҳои генетикӣ, гуногунии агробиологии маҳаллӣ ва донишҳои мардумӣ аҳамияти калони илмию амалӣ доранд.
8. Дар оянда барои нигоҳ доштани донишҳои мардумӣ ва навъу намудҳои гуногуни агробиологии маҳал дар ҷумҳурӣ бояд диққати ҳукуматҳои маҳал, деҳқонон, аҳолӣ ва ҷомеа ба воситаи омӯзиш, чопи маводҳо ва додани қарзҳои имтиёзнок пурзӯр карда шавад. Инчунин бояд иваз намудани таҷрибаҳо оиди ин корҳо дар байни деҳқонони маҳал ва берун аз ҷумҳурӣ ба роҳ монда шавад.

## АДАБИЁТҲО


1. Алексанян С.М. Агробиоразнообразие и геополитика. Санкт- Петербург, 2002, 360 стр.
2. Быков В.А. Генетические ресурсы лекарственных растений России. Санкт- Петербург, 2007, 150 стр.
3. Бродский А.К. Введение в проблемы биоразнообразия. Изд. во С.- Петербургского Университета. 2002.
4. Брендан Т. На пути к Международному режиму по охране тадиционных знаний. Ташкент – 2005. стр. 5-20.
5. Громов В. Законодательство в сфере доступа к генетическим ресурсам и справедливого распределения выгод в Центральной Азии и Монголии. Ташкент -2005. стр. 45-55.
6. Партоев К., Джумахмадов А., Меликов К. Сохранение местного агробиоразнообразия – путь к продовольственной безопасности в условиях Таджикистана. Труды по прикладной ботанике, генетике и селекции, том 166. Санкт – Петербург 2009, стр.436-439.
7. Партоев К., А. Джумахмадов, К. Меликов, Г. Шуккулобекова. Сохранение агробиоразнообразия и продовольственная безопасность в Таджикистане. В сборник статьей по биокультурному разнообразию в Центральной Азии, «Падида», Точикистон, 2010, стр. 56-62 (тадж. и рус). Бишкек, 2010.

8. Партоев К. Гуногунии агробиологии Точикистон. Брошюра, Душанбе, изд.во «ДАТ», 2010, 21 стр.
9. Партоев Қ., Ясинов Ш.М., Сайдалиев Н.Х. Аҳамияти топинамбур дар таъмини озӯқаворӣ ва сӯзишворӣ дар Тоҷикистон. Душанбе, 2016.-167с.
10. Сафаров Н., Новикова Т. М., Дустов Д. и другие. В кн.: Гуногунии агробиологии Точикистон. Душанбе, изд. во «Мир полиграфии», 2010, 123стр.
11. Shakeel B. Introduction to Intellectual Property as Relevant to Traditional Knowledge. Tashkent – 2005. стр. 20-25.
12. Lenz R.J.M., Mammel W. Plant genetic diversity as a basis for regional authentic food and as a bio resource – examples from Southwest Germany, 2007.



***«Ягона соҳае, ки соҳибистиқлолии Давлатро нигоҳ медорад ин кишоварзӣ мебошад. Давлат тамоми боигарии чаҳонро дошта бошаду маводи озӯқа надошта бошад, он мӯҳтоҷи дигарон аст. Савдо боигариро таъмин менамояд, кишоварзӣ озодиро!!!»***

***(Жан Жак Руссо, мутафакири фронсавӣ)***

***ПАРТОЕВ Қ., КАРИМОВ И.И., ЗЕВАРШОЕВ А.***

***ТАВСИФ ВА ДАСТРАСӢ БА ТАҶРИБАҲОИ МАРДУМӢ ВА НАВЪҲОИ НОДИРИ ЗИРОАТҲОИ КИШОВАРЗӢ***

***Муҳаррири техникӣ: Мардонов С.Х.***

***Ба чопаш 28.12.2016 имзо шуд.***
***Андозаи когаз 60x84 $^{1}/_{16}$. Когази офсетӣ.***
***Ҷузъи чопӣ 6,2. Адади нашр 100 нусха***
***Супориши № 11.***

***Матбаи Парки технологи дар назди***
***ДДОТ ба номи С.Айнӣ,***
***хиёбони Рӯдакӣ, 121.***